**Шартномаи оммавӣ (Оферта) барои шахсони воқеӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"**

**Мундарича:**

1. Фасли 1. Истилоҳот ва мафҳумҳо...........................................................................3
2. Фасли 2. Муқаррароти умумӣ...........................................................................5
3. Фасли 3. Қабули маблағ ба ҳисоби пасандози муҳлатнок ва бемуҳлат...........................................................................8
4. Фасли 4. Шартҳои пешниҳоди қарзи хурд...........................................................................13
5. Фасли 5.Хизматрасонии қарзии овердрафт...........................................................................19
6. Фасли 6. Барориш, пешниҳод ва хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳо........................22
7. Фасли 7. Хизматрасонии фосилавии ҳамёни мобилӣ IMONLINE..........................31
8. Фасли 8. Ҳолатҳои ғайричашмдошт...........................................................................34
9. Фасли 9. Шартҳои дигар...........................................................................35

# Шартномаи оммавӣ (Оферта) барои шахсони воқеӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

Шартномаи оммавӣ (оферта) барои шахсони воқеӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» (минбаъд – дар матн Шартнома) байни ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ", ки минбаъд дар матн "Ташкилот" номида мешавад, ба доираи номуайяни шахсони воқеӣ, пешниҳод карда мешавад, ки минбаъд дар матн "Мизоҷ" номида мешаванд, дар якҷоягӣ "Тарафҳо" ва дар алоҳидагӣ "Тараф" ном бурда мешаванд, оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии Ташкилот бо шартҳои зерин мебошад:

## ФАСЛИ 1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО

**Амонат** – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба Ташкилот барои нигаҳдорӣ супурда шудааст;

**Амонатгузор/Мизоҷ –** шахси воқеие, ки бо ба имзо расонидани Ариза-Дархост мехоҳад, ба Шартномаи мазкур ҳамроҳ шавад;

**Аксепт** – розигӣ. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад, лаҳзаи қабули шартҳои Аксепт ҳангоми розигӣ бо оферта эътироф карда мешавад.

**Ариза-дархост** – дархости ҳамроҳ шудан ба Оферта ва бастани шартномаҳои алоҳида, ки шакли он аз ҷониби Ташкилот муқаррарар карда шудааст.

**Авторизатсия** – тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои Дорандаи корт аз ҷониби Ташкилот барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;

**Банкомат** – маҷмааи барномавию техникии электронӣ, ки ба Дорандаи корт барои гирифтани пули нақд ва истифодаи хизматрасониҳои дигари Ташкилот бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ, имконият медиҳад;

**БМТ** – Бонки Миллии Тоҷикистон

**Бароришикорт** – фаъолияти Ташкилот оид ба бароришикортҳои пардохтии бонкӣ.

Пардохти иловагӣ – пардохте, ки баъди пардохти асосӣ аз ҷониби Амонатгузор/Мизоҷ ба суратҳисоби пасандозӣ ворид карда мешавад;

**Дорандаи корт** – шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад ва инчунин корманди корхона, ки ба номи ӯ шахси ҳуқуқӣ корт кушодааст;

**Корти пардохтии бонкӣ (ҳамчунин корти виртуалӣ)** – воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он Дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки Дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби Ташкилот пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;

**Корти виртуалӣ (маҷозӣ)** - корти дебетиест, ки ба суратҳисоби кортӣ пайваст буда, танҳо барои пардохти мол ва хизматрасониҳо дар шабакаи Интернет пешбинӣ гардида, дар шакли электронӣ бароварда мешавад ва василаи физикӣ надорад. Хамаи маълумоти он дар барномаи мобилӣ ва/ё интернет-бонки дорандаи корт нигоҳ дошта мешавад.

**Қарздиҳанда** – ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

**Қарзгиранда** – шахси воқеие, ки аз Қарздиҳанда қарзи хурдро бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардондан ба мӯҳлати муайян мегирад.

**Қарзи хурд** – воситаҳои пулӣ, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда бо шартҳои муҳлатнок, музднок ва бозпасгардонӣ дода мешаванд.

**Нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақд** - хазинаи Ташкилот, филиали он ва марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд , нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ ва воҳидҳои сайёр, инчунин агенти пардохтии бонкӣ, ки барои гузаронидани амалиёти пешниҳод ва/ё қабули пули нақд ва иҷро намудани ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ пешбинӣ шудааст;

**Овердрафт** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи Муштарӣ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои Шартнома муайян гаштаанд;

**Пасандоз** – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

**Персонализатсия** – раванди ҷойгиркунии иттилооти мушаххаскунанда ба корт, сабт ба хотираи микропротсессор (чип) ва/ё дар навори магнитии корт, ки тибқи дастур ва тартиби кори низоми пардохти дахлдор пешбинӣ шудааст;

**Рақами мушаххаскунандаи шахсӣ** – рамзи шахсие, ки бо мақсади мушаххас кардани Дорандаи корт ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ аз тарафи Ташкилот ба Дорандаи корт дода мешавад;

**Рӯзи амалиётӣ** – вақти кории Ташкилот, ки дар давоми он ба Мизоҷ хизматрасонӣ пешниҳод карда мешавад;

**Суратҳисоби кортӣ** – ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиётҳо ба воситаи корт иҷро мегарданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд;

**Суратҳисоби умумикардашудаи кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки дар он маблағҳои пулии аз рӯи кортҳои пешпардохти аз ҷониби Бонк баровардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд;

**Тарофаи Ташкилот (Тарофаи амалкунанда)** – ҷадвале, ки дар он фоизҳои ҳисобшуда барои пасандоз ва қарз дар Ташкилот ҷойгир карда шудааст;

**Шартномаи пасандозӣ** – шартномае, ки дар асоси Офертаи мазкур баста шуда, шартҳои инфиродии қабули пасандоз аз шахсони воқеӣ дар он инъикоси худро меёбад;

**Терминал** (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ) – таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;

**Терминали худкори худхизматрасон –** таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои қабул ва нигоҳ доштани маблағҳои пули нақди муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дорандагони кортҳо, истифодабарандагони хизматрасониҳо, аз ҷумла гузаронидани пардохтҳо ба таври нақдӣ ва ғайринақдӣ ба ташкилотҳои коммуналӣ, операторони алоқаи мобилӣ, интернет ва дигар пардохтҳо пешбинӣ шудааст;

**Ҷадвали пардохтҳо** – ҷадвали пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо аз рӯи қарзи додашуда, ки ба Қарзгиранда ҳангоми гирифтани ҳар як қарз дар алоҳидагӣ ба таври ҳомили қоғазӣ ва ё электронӣ дода мешавад. Пардохти маблағи қарз аз рӯи Ҷадвали пардохтҳо, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ҳисоб меёбад,

ки дар асоси он шарти бозпасгардонӣ, мухлатнокӣ ва музднокӣ амалӣ карда мешавад.
**Ӯҳдадориҳо** – ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар доираи офертаи мазкур, Қарзгиранда бояд ба Қарздиҳанда пардохт намояд, аз ҷумла маблағи қарз, фоизҳои истифодашуда, ҳаққи хизматрасонӣ ва ҷаримаи аҳдшиканӣ (ноустуворона);
**Шабакаи терминалӣ** – терминалҳо, банкоматҳо, таҷҳизоти коммуникатсионӣ ва дигар таҷҳизот, ки инфрасохтори техникии қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро ташкил медиҳанд;
**Шартномаи қарзи хурд** – Шартномае, ки дар асоси Шартномаи мазкур баста мешавад.
**IMONLINE –** ҳамёни мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Мизоҷ (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад.

## ФАСЛИ 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шартномаи мазкур ва ҳар як амалиёти алоҳидае, ки байни Мизоҷ ва Ташкилот дар доираи Шартномаи мазкур баста мешавад, бо забони тоҷикӣ мебошад. Дар ҳолати зарурӣ, Ташкилот метавонад нусхаҳои чунин ҳуҷҷатҳоро бо забони дигар пешниҳод кунад, дар ҳоле ки нусхаҳои бо забони тоҷикӣ тартибдодашуда афзалият доранд.
1.2. Муносибатҳои ҳуқуқӣ мутобиқи Шартномаи мазкур барои Тарафҳо аз рӯзи аксепти Шартномаи мазкур оғоз меёбад ва дар мухлати номаҳдуд амал мекунад.
1.3. Ҳама гуна Шатрномаҳои хурд/Аризаҳо/Дархостҳо, ки дар доираи Шартномаи мазкур баста мешаванд, аз ҷониби Ташкилот дар шаклҳои мувофиқа кардашуда муқаррар карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошанд.
1.4. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки агар дар Шартномаи мазкур тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, мухлати амали ҳамаи хизматрасониҳое, ки дар доираи Шартномаи мазкур бо шартҳои ба таври худкор (автоматӣ) ба мухлати нав ба расмият дароварда мешаванд, ба мухлати оянда бе зарурати имзои созишномаи иловагии алоҳида оид ба ворид намудани тағйирот ҳангоми пардохти арзиши ин хизматрасониҳо аз ҷониби Мизоҷ тибқи Тарофаҳои амалкунандаи Ташкилот тамдид карда мешавад. Шумораи азнавбарқароркуниҳо маҳдуд нест.
1.5. Ҳамчун шарт барои бастани Шартномаи мазкур, пешниҳоди хизматрасонӣ ба Мизоҷ аз ҷониби Ташкилот анҷом додани ҳама гуна амалиёт, Мизоҷ бояд ба Ташкилот ҳуҷҷатҳое пешниҳод кунад, ки имкон медиҳанд, мушаххасгардонии ӯро ва намунаи хаттии имзоро муайян ва тасдиқ намояд.
1.6. Мизоҷ дар шакли хаттӣ ба Ташкилот дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ дар бораи ҳамаи маълумотҳое, ки барои муносибатҳои корӣ муҳиманд ва ба иҷрои ӯҳдадориҳои Ташкилот ё Мизоҷ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд,

аз ҷумла тағйирот дар ном, суроға, рақами телефон ё намоянда, ҳуҷҷатҳои мушаххаскунанда ва ғайра маълумот медиҳад.
1.7. Мизоҷ барои огоҳ кардани Ташкилот дар шакли хаттӣ дар сурати тағйирот оид ба маълумотҳо вобаста ба Мизоҷ ё намояндагони ӯ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун масъул аст.
1.8. Агар Мизоҷ ӯҳдадориҳои дар боло зикршударо иҷро накарда бошад, Ташкилот маълумоти дар даст доштаашро дуруст мешуморад ва дар назди Мизоҷ, шахсони сеюм барои зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардани Мизоҷ дар бораи огоҳ кардани Ташкилот оид ба тағйирот ба амал омадааст, ҷавобгар нест. Дар ин ҳолат, Мизоҷ ба Ташкилот ҷуброни зарареро, ки аз иҷро накардани уҳдадориҳои Мизоҷ оид ба огоҳинома ва пешниҳоди намунаҳои имзо ба Ташкилот ба вуҷуд омадааст, кафолат медиҳад.
1.9. Дар сурати тағйир ёфтани маълумоти мушаххаскунандаи Мизоҷ аз қабили насаб, ном, номи падар, РМА, ҳуҷҷатҳои мушаххаскунандаи Мизоҷ, ки ӯ қаблан ба Ташкилот пешниҳод карда буд, тағйирот ба чунин маълумот тавассути шиносоӣ ва тасдиқи Мизоҷ ворид карда мешавад. Ташкилот пас аз санҷиши бомуваффақияти видеоии Мизоҷ маълумоти тағйирёфтаи ӯро ба таври худкор (автоматӣ) ба Шартномаҳои хурди қаблан басташудаи Шартномаи мазкур паҳн карда мешавад ва дар ҳама хизматрасониҳои қаблан пешниҳодшуда ба суратҳисобҳо истифода мешавад.
1.10. Ташкилот супоришҳои пардохтиро бо асъори хориҷӣ, аризаҳо барои харид/фурӯш/мубодилаи асъори хориҷӣ дар бозори асъор ва аризаҳо барои харид/фурӯш/мубодилаи асъори хориҷиро дар шабакаҳои интернетӣ бо ҳамзамон ба суратҳисоби Мизоҷ ворид кардани асъор қабул мекунад.
1.11. Ташкилот супоришҳои пардохтиро бо асъори хориҷӣ иҷро мекунад, агар:
- мизоҷ ба Ташкилот тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ташкилот пешниҳод намояд;
- пас аз санҷиши ин ҳуҷҷатҳо, Ташкилот боварӣ ҳосил кард, ки Мизоҷ метавонад ба таври қонунӣ амалиёти асъорро иҷро кунад.
1.12. Агар Тарафҳо созиши дигар ба даст наоранд, Ташкилот бо дархости Мизоҷ иқтибос аз суратҳисобро на дертар аз рӯзи дигари амалиётӣ пас аз гирифтани дархости дахлдор аз Мизоҷ пешниҳод мекунад. Иқтибос аз ҷониби Ташкилот дар санаи ташкилёбии он тасдиқ карда мешавад.
1.13. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ҳадди ақал як маротиба дар як моҳ бо истифода аз Интернет-бонкинг ё бо муроҷиат ба филиали Ташкилот иқтибос аз суратҳисоби худро гирад.
1.14. Иқтибос аз ҷониби Ташкилот бо имзои намоянда ва муҳри Ташкилот тасдиқ карда мешавад.
1.15. Ташкилот сирри бонкӣ, амалиёти суратҳисоб ва маълумот дар бораи мизоҷонро кафолат медиҳад. Маълумот дар бораи Мизоҷ, амалиётҳо ва суратҳисобҳо метавонад танҳо ба Мизоҷон шахсан ё намояндагони қонунии онҳо ё

бо розигии онҳо ба шахсони сеюм пешниҳод карда шавад. Маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, метавонад ба шахсони дигар танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод карда шавад.

1.16. Бо бастани Шартномаи мазкур Тарафҳо ба мувофиқа омаданд, ки Ташкилот ҳуқуқ дорад аз Мизоҷ тавассути маркази тамос дархостҳо оид ба пешниҳоди иқтибосҳо оид ба суратҳисобҳо, маълумотномаҳо, ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо, аз ҷумла дархостҳои имзошудаи Мизоҷ, дархостҳо оид ба таҳвили ҳуҷҷатҳо, огоҳиномаҳо ё дигар ҳуҷҷатҳо ва ҳама гуна дархостҳои дигарро қабул кунад. Дар ҳоле ки Ташкилот маълумоти дорои сирри бонкии Мизоҷро дар ҳаҷми муайяншуда ошкор мекунад. Мувофиқи ин банди Шартномаи мазкур Ташкилот ҳуқуқ дорад, ба Мизоҷ маълумоти зеринро, ки сирри бонкиро дар бар мегирад, ошкор кунад:

1.16.1 маълумот дар бораи амалиёти пардохтии Мизоҷ, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои хурди дар асоси Шартномаи мазкур басташуда иҷро мекунад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: рақами суратҳисобҳои чекӣ, ҳаракати маблағҳо дар суратҳисобҳо, андозаи лимити кортҳои бонкии пардохтӣ, мӯҳлати амали кортҳои бонкии пардохтӣ ва ғайра;

1.16.2. маълумот дар бораи амалиёти пасандозии Мизоҷ, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои пасандозӣ ба Шартномаи мазкур басташуда анҷом медиҳад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: рақами суратҳисоби пасандозӣ, ҳаракати маблағҳо дар суратҳисоби пасандозӣ, андозаи пасандоз, андозаи фоизи пасандоз, маблағи фоизҳои ҳисобшуда/пардохтшуда аз пасандоз ва ғайра;

1.16.3. маълумот дар бораи амалиёти қарзие, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои қарзи хурд, ки дар асоси Шартномаи мазкур басташуда анҷом медиҳад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: дар бораи андозаи қарз, пардохтҳо ва андозаи онҳо тибқи Шартномаҳои хурди дахлдор ба Шартномаи мазкур, ки бояд пардохт карда шавад, санаи пардохт, андозаи қарзи ҷорӣ, андозаи фоизҳо барои истифодаи қарз, андозаи пардохтҳо ё дигар пардохтҳо (ҷаримаҳо), ки бояд барои давраи ҳисоббаробаркунӣ, намуд ва андозаи меъёри фоизӣ ва давраҳои амал ё тағйирёбии он, тафсилоти суратҳисоб барои пардохти қарз (ҷаримаҳо) ва ғайра пардохт карда шаванд.

1.17. Ҳангоми муроҷиати Мизоҷ ба Ташкилот тавассути маркази тамос бо мақсади ошкор кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ ба Мизоҷ, Ташкилот мушаххасгардонии чунин Мизоҷро амалӣ менамояд.

1.18. Дар сурати рад кардани Мизоҷ аз гузаштани мушаххасгардонӣ маълумоти дорои сирри бонкӣ аз ҷониби Ташкилот ошкор карда намешавад.

1.19. Бо бастани Шартномаи мазкур Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки шартҳои ин банди Шартнома дархости хаттии Мизоҷ дар бораи ошкор кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ мебошад, ки соҳиби он Мизоҷ мебошад.

1.20. Барои иҷрои зангҳо ва/ё мубодилаи паёмҳо байни Ташкилот ва Мизоҷ барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир истифода бурда мешаванд. Ба Мизоҷ маълум аст, ки мубодилаи паёмҳо дар барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир бе тасдиқи Мизоҷ бо истифода аз барномаи мобилии IMONLINE бе истифодаи маълумоти махфӣ, ки дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ мебошад, сурат мегирад. Дар сурати интиқоли маълумоти махфӣ, маълумоти дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ аз ҷониби барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир, Мизоҷ мустақилона хавфҳои марбут ба чунин интиқолро ба дӯш мегирад. Ҳангоми иҷрои зангҳо бо истифода аз барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир мубодилаи паёмҳо бо ёрии чатҳои тасдиқшуда, Тарафҳо метавонанд маълумоти махфӣ, маълумоти дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ мубодила кунанд.

1.21. Ғайр аз ин, бо бастани Шартномаи мазкур бо Ташкилот ва/ё ягон шартномаи дигар, имзои Ариза ва/ё амалиёт бо истифода аз хизматрасониҳои Ташкилот, Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки аз ҷониби Ташкилот огоҳ карда шудааст ва барои анҷом додани аксбардорӣ, аудио, видео розигӣ медиҳад ва инчунин барои нигоҳ доштани аксҳо, сабтҳои аудиоӣ аз ҷониби Ташкилот розигӣ медиҳад; инчунин барои паҳн кардани аксҳо, сабтҳои аудиоӣ ва сабтҳои видеоӣ, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

1.22. Ташкилот ҳангоми иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ ба Мизоҷ ҳамчун субъекти маълумоти шахсӣ дар бораи ҳуқуқҳои ӯ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, огоҳ менамояд.

1.23. Бо мақсади риоя кардани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом амалиёт аз рӯи суратҳисобҳои бонкӣ метавонад, аз ҷумла, дар мавридҳои зерин, вале бо ин маҳдуднашуда боздошта шавад:

-дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом».

## ФАСЛИ 3. ҚАБУЛИ МАБЛАҒ БА ҲИСОБИ ПАСАНДОЗИ МУҲЛАТНОК ВА БЕМУҲЛАТ

### 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Мувофиқи Шартномаи мазкур «Ташкилот» аз «Амонатгузор» маблағи пасандози воридшавандаро ба ҳисоби пасандози муҳлатнок ва бемуҳлат, аз ҷумла ба манфиати «Шахси сеюм» қабул менамояд ва ӯҳдадор мешавад, ки ба «Амонатгузор» ва ба «Шахси сеюм» бо изхор намудани истифодаи ҳуқуқҳои ӯ тибқи шартҳои дар Шартномаи мазкур муқарраргардида ин маблағро баргардонад ва фоизҳои ҳисобшударо пардохт намояд.

1.2. «Шахси сеюм» хукук ва уҳдадориҳои Амонатгузорро аз лаҳзаи шахсан хозир шудан ва\ё пешниҳод намудани Ваколатномаи тариқи нотариалӣ тасдиқшуда (дар ҳолатҳои имконнопазирии хозиршавии шахсӣ) қабул менамояд.

## 2. ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ ПАСАНДОЗ

2.1. Бо мақсади шиносоии “Амонатгузор” бо Шартномаи мазкур (аз ҷумла тағйиру иловаҳо ва ё таҳрири нави он) дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба “Амонатгузор” имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

- бо ҷойгир кардани Шартномаи мазкур дар сомонаи расмии “Ташкилот” www.imon.tj;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии идораҳои амалиётӣ ва филиалҳои “Ташкилот”;
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки “Амонатгузор” тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи “Ташкилот” омадааст.

2.2. Бо хоҳиш ва талаби “Амонатгузор” матни Шартномаи мазкур метавонад, ба ӯ бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда мешавад.

2.3. Бо шартҳои ҳисоби пасандоз, ки Амонатгузор интихоб намудааст, Ташкилот реҷаи муайяни хизматрасонии пасандозиро муқаррар менамояд, ки он дар Шартномаи пасандозии бо «Амонатгузор» басташуда оварда мешавад. Аз ҷумла, намуди пасандози бонкӣ, ҳаҷми маблағи пасандози бонкӣ, мухлати пасандози бонкӣ, тартиби ҳисоб ва пардохти фоиз ба маблағи пасандоз низ дар Шартномаи пасандозӣ инъикос меёбад.

2.4. Шартномаи пасандозӣ аз рӯзи ворид шудани пасандоз ба Ташкилот ҳамчун басташуда эътироф мегардад.

2.5. Гузаронидани пасандоз тариқи ғайринақдӣ бо ирсол намудани SMS-паёмак ба рақами телефонии Амонатгузор тасдиқ карда мешавад. Бинобар ин, Тарафҳо ба созиш омаданд, ки дафтарчаи амонатӣ мавриди истифода қарор дода намешавад. Воридшавии маблағи пасандози Амонатгузор ба ҳисоби бонкӣ, бо расид ба эъломияи воридоти накдина тасдиқ мешавад.

## 3. ШАРТ ВА ТАРТИБИ БУРДАНИ СУРАТҲИСОБИ АМОНАТИИ БЕМУҲЛАТ

3.1. Суратҳисоби амонатии мазкур бемуҳлат мебошад.

3.2. Ба бақияи маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда, мувофиқи Тарофаҳои амалкунандаи Ташкилот фоиз ҳисоб карда мешавад.

3.3. Маблағи пулӣ ба суратҳисоб ба тариқи накдина ё ғайринақдӣ қабул карда мешавад.

3.4. Зиёд намудани маблағи суратҳисоб дар ҳар гуна вақт имконпазир мебошад, аз ҷумла аз тарафи шахси сеюм низ иҷозат дода мешавад.

3.5. Маблағҳои ба суратҳисоб ворид ё интиқол додашуда, набояд бо фаъолияти тиҷоратӣ алоқамандӣ дошта бошанд.

3.6. Ба “Амонатгузор” пардохти маблағҳои пулие, ки ба суратҳисоб ғайринақдӣ ворид карда мешаванд, бо ситонидани ҳаққи хизматрасонӣ мувофиқи тарофаҳои тасдиқнамудаи «Ташкилот» сурат мегирад, ба истисноии ҳолатҳои зерин:

- воситахои қарзии мизоҷ, ки ба суратҳисоб ғайринақдӣ интиқол гардидаанд;
- маблағҳои интиқоли пулии ба суратҳисоб ғайринақдӣ ворид шуда, ки бо мақсади ҷамъ намудан ва минбаъд ба пасандози мӯҳлатнок гузоштани мизоҷ иҷро шудааст.

3.7. Дар ҳолати мавҷудият ё пайдоиши ягон гуна ӯҳдадориҳои «Амонатгузор» дар назди «Ташкилот» ва расидани муҳлати иҷрои ин ӯҳдадориҳо «Ташкилот» ҳуқуқ дорад, бе розигии «Амонатгузор» маблағҳои пулиро аз суратҳисоб бо тариқи беаксептӣ боздошта гирад.

3.8. Дар асоси супориши «Амонатгузор», «Ташкилот» маблағи пулии дар суратҳисоби пасандозии ӯ мавҷудбударо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби пасандози мӯҳлатноки ӯ интиқол менамояд. Мӯҳлат ва маблағи интиқолшаванда мувофиқи супориши «Амонатгузор» муқаррар карда мешавад.

3.9. Бо супориши «Амонатгузор», маблағи пулии дар суратҳисоб мавҷуд буда, аз рӯи қурби хариду фурӯши асъори «Ташкилот», дар рӯзи гузаронидани амалиёти бонкӣ, ба асъори дархостшуда мубаддал карда мешавад.

3.10. Бо супориши «Амонатгузор», Ташкилот маблағҳои пулии дар суратҳисоби ӯ мавҷудбударо ба суратҳисоби шахси сеюм мегузаронад:
- бо асъори хориҷӣ ба суратҳисоби бонкии хориҷи кишвар;
- бо пули миллӣ ба суратҳисоби бонкии дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.11. Суратҳисоб бо сабабҳои зерин баста мешавад:

а) бо дархости «Амонатгузор»;

б) дар ҳолати набудани бақияи маблағ ва ҳаракат накардани амалиётҳо дар суратҳисоб дар давоми 6 (шаш) моҳ;

в) ҳангоми бекор кардани Шартномаи мазкур;

г) дар дигар ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

3.12. Қабул ва баргардонидани пасандоз бо ордерҳои хазинавии Ташкилот тасдиқ карда мешаванд, ҳангоми гузаронидани амалиёт бо пули нақд

## 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

4.1. «Ташкилот» ҳуқуқ дорад:

4.1.1. Маблағҳои пасандозро тибқи қонунгузории амалкунанда истифода барад.

4.1.2. Агар намуди пасандоз муҳлатнок бошад ва дар ҳолати аз ҷониби «Амонатгузор» пеш аз муҳлат талаб намудани маблағи пасандози муҳлатнок, «Ташкилот» фоизи онро бо меъёри амалкунанда аз нав ҳисоб намуда, маблағи пасандозро бармегардонад.

4.1.3. Дар ҳолати мавҷудият ё пайдоиши ягон гуна ӯҳдадориҳои «Амонатгузор» дар назди «Ташкилот» ва расидани муҳлати иҷрои ин ӯҳдадориҳо, «Ташкилот» ҳуқуқ дорад бе розигии «Амонатгузор» маблағҳои пулиро аз суратҳисоб бо тариқи беаксептӣ боздошта гирад.

4.2. «Амонатгузор» ҳуқуқ дорад:

4.2.1. Маблағи пасандозро аз рӯи нигоҳдошти худ бо риояи шартҳои Шартномаи мазкур, Шартномаи пасандозӣ ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

ихтиёрдорӣ намояд.
4.2.2. Аз дигар ҳуқуқҳои «Амонатгузор» доир ба Шартномаи пасандозӣ то лаҳзаи аз ҷониби «Шахси сеюм» пешниҳод намудани талаботи аввалин ба «Ташкилот», ки дар асоси ҳуқуқ ба пасандоз бармеояд, истифода намояд.

4.2.3. Маблағи пасандоз ва фоизҳои ҳисобшударо аз рӯи шарт ва тартиби пешбинишудаи Шартномаи мазкур ва Шартномаи пасандозӣ гирад.

4.2.4. Амонатгузор метавонад ба маркази тамоси Ташкилот ба рақами 1122 бо воситаи телефон муроҷиат намояд. Инчунин шахсан ба воҳидҳои сохтории Ташкилот ташриф намуда, тибқи реҷаи муқарраршуда ба шахсони мутассадӣ муроҷиат намояд ва доир ба сифати хизматрасонӣ фикру ақидаи худ ва ё арзу шикоят баён намояд.
4.3. «Ташкилот» ӯҳдадор аст:
4.3.1. Ба маблағҳои воридшуда фоиз ҳисоб намояд ва онро ба ҳисоби пасандозии «Амонатгузор» гузаронад.

4.3.2. Ҳамчун агенти андозии Амонатгузор мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои хисобшударо бо меъёрҳои муқарраргардида ба буҷети давлатӣ гузаронад.

4.3.3. Агар намуди пасандоз мухлатнок бошад ва ҳангоми ба охир расидани мухлати Шартномаи пасандозӣ ва ё ин ки дар ҳолати пеш аз мухлат бо дархости Амонатгузор/Шахси Сеюм ва ё намояндаи ӯ талаб намудани маблағҳои пасандоз ва фоизҳои ҳисобшуда, на дертар аз рӯзи дигари амалиётӣ ба Амонатгузор/Шахси Сеюм ва ё намояндаи ӯ маблағҳои мазкурро баргардонад.

4.3.4. Таъмини ҳифзи пасандоз ва ҳамчунин аз ҷониби кормандони Ташкилот нигаҳдории сирри бонкӣ оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи суратҳисобро риоя намояд.
4.3.5. Ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор), ба Амонатгузор мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» маблағи пулии пасандозро баргардонад.
4.3.6. Ҳангоми муроҷиат намудани Амонатгузор тариқи дархости хаттӣ Ташкилот ҳар моҳ як маротиба ба таври ройгон беруннависи суратҳисобашро ба таври хаттӣ пешниҳод менамояд.
4.3.7. Дар ҳолати тағйирёбии тарофаҳои хизматрасонии «Ташкилот», дар давоми 5 рӯзи корӣ дар ин бора Амонатгузорро ба тариқи сомонаи Ташкилот хабардор намояд.

4.4. «Амонатгузор» ӯҳдадор аст:
4.4.1. Дар рӯзи бастани Шартномаи пасандозӣ, маблағи пулиро ба ҳисоби пасандозие, ки «Ташкилот» ба ӯ кушодааст, дар давоми рӯзи амалиётӣ (яъне аз соати 8:00 то 16:00) ба суратҳисобаш гузаронад, ё тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ на дертар аз соати 17:00 қабул карда мешавад.
4.4.2. “Шахси сеюм” барои гузаронидани амалиёт бо ҳисоби пасандозӣ ба «Ташкилот» ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти худро пешниҳод намояд.
4.4.3. Дар ҳолати иваз шудани насаб ва ё ном, шаҳрвандӣ, тағйири ҷои истиқомат

ва нишондодҳои шиносномаи «Амонатгузор» ва маълумотҳои бо фаъолияти «Ташкилот» алоқаманд ба тариқи хаттӣ Ташкилотро дар давоми 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи ба миён омадани чунин ҳолатҳо хабардор намояд.
4.4.4. Ба шахсони сеюм дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкии худ (аз он ҷумла ба кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) надиҳад ва ҳангоми риоя нагардидани талаботи болозикр ин асос барои қатъи яктарафаи Шартномаи мазкур ҳисоб карда мешавад.

## 5. ТАРТИБИ ҲИСОБ НАМУДАН ВА ПАРДОХТИ ФОИЗҲО БА ПАСАНДОЗ

5.1. Ба маблағи пасандоз фоиз тибқи меъёри Шартномаи пасандозӣ ҳисоб карда мешавад.

5.2. Агар шарти пасандоз пардохти фоизҳоро муқаррар карда бошад,пас фоизҳо ба маблағи пасандоз аз рӯзи ояндаи навбатии баъди ба «Ташкилот» ворид шудани маблағ то рӯзи ба «Амонатгузор» баргардонидани он ҳисоб карда мешаванд.

5.3. Фоизҳо ба пардохти иловагӣ аз рӯзи ояндаи навбатии санаи ворид намудани маблағи пардохти иловагӣ аз рӯи фоизи Шартномаи пасандозӣ ҳисоб карда мешаванд.

5.4. Фоизҳо аз рӯзи аввали қарздорӣ, ки ба рӯзи додани қарз рост меояд, ҳисоб карда мешавад.
Ҳамаи ҳисобҳои пардохт дар асоси:
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар мӯҳлати қарз то як сол бошад, гузаронида мешавад;
- микдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 365 рӯз, агар мӯҳлати қарз зиёда аз як сол бошад, гузаронида мешавад.
5.5. Тамоми амалиётҳо дар доираи Шартномаи пасандозӣ (ворид намудани маблағ, ё ин ки гирифтани маблағ аз ҳисоб) то соати 16:00 дақиқаи рӯзи амалиётӣ гузаронида мешаванд ё тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ на дертар аз соати 17:00 қабул карда мешаванд.

5.6. Фоизҳои ҳисобшуда мувофики конунгузории андози Чумхурии Точикистон[1], баъд аз тарҳи андоз аз манбаи пардохт ба Амонатгузор пардохт карда мешавад.

## 6. КАФОЛАТИ ПАСАНДОЗ

6.1. Маблағҳои пулии дар ҳисоби пасандозӣ мавҷудбуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурта карда шудааст. Кафолати маблағи пулии пасандоз аз рӯи тартиб, ҳаҷм ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ба амал бароварда мешавад.

6.2. «Ташкилот» махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкиро оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи ҳисобро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ ТАШКИЛОТ

7.1. Ташкилот барои пурра ё қисман иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии

[1] Меъёри фоиз мувофики конунгузории амалкунанда мукаррар карда мешавад.

Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки Миллии Тоҷикистон назди Амонатгузор масъулият дорад.

7.2. Дар ҳолати аз ҷониби «Амонатгузор» талаб намудани маблағи пасандоз ва аз ҷониби «Ташкилот» саривақт барнагардонидани он «Ташкилот» ӯҳдадор мешавад, ки ба «Амонатгузор» аз маблағи бақияи пасандоз барои ҳар як рӯзи ба таъхиргузоштташуда дар ҳаҷми мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт намояд.

## 8. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМАИ ПАСАНДОЗӢ

8.1. Шартномаи пасандозӣ аз рӯзи ворид шудани маблағи пасандоз ба ҳисоби пасандозии «Амонатгузор» басташуда ба ҳисоб меравад ва то муҳлати муқарраргардида амал мекунад.

8.2. Амали Шартномаи пасандозӣ дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

- ҳангоми аз тарафи «Амонатгузор» ё намояндаи ӯ пурра гирифтани маблағҳои пулӣ аз ҳисоби пасандозӣ;
- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

8.3. Агар намуди пасандоз муҳлатноки тамдидшаванда бошад ва ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати Шартномаи пасандозӣ ва аз ҷониби «Амонатгузор» талаб накардани маблағи пасандоз, ба пасандоз фоизҳои минбаъда аз рӯи меъёрҳои дар Ташкилот амалкунанда ҳисоб карда мешавад.

Агар намуди пасандоз муҳлатноки бетамдид бошад ва ҳангоми ба охир расидани муҳлати Шартномаи пасандозӣ ва аз ҷониби “Амонатгузор” талаб накардани маблағи пасандоз он ба суратҳисоби пасандозӣ интиқол меёбад.

8.4. Агар намуди пасандоз муҳлатнок бошад ва ҳангоми ба охир расидани муҳлати Шартномаи пасандозӣ ва баргардонидани маблағи амонати муҳлатнок аз ҷониби “Амонатгузор” дархост карда нашавад, пас Шартномаи пасандозӣ тамдидёфта ба ҳисоб меравад, агар шартҳои маҳсулоти амонатӣ онро пешбинӣ намояд.

8.5. Шартномаи пасандозӣ дар ҳар вақт бо аризаи «Амонатгузор» қатъ карда мешавад.

8.6. Ҳангоми намуди пасандоз бемуҳлат будан, Шартномаи пасандозӣ ба муҳлати номуайян баста мешавад.

# ФАСЛИ 4. ШАРТҲОИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ХУРД

## 1. ПРЕДМЕТИ ШАРТНОМА

1.1 «Қарздиҳанда» ба «Қарзгиранда» тибқи шартҳои пешбинӣ намудаи маҳсулотҳои қарзӣ аз рӯзи гирифтани Қарз бо ситонидани фоизҳо, ки дар Ҷадвали пардохтҳо муқаррар карда шудааст, якбора ва ё давра ба давра пешниҳод карда мешавад.

## 2. ШАРТ ВА ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ

2.1 Бо мақсади шиносоии “Қарзгиранда” бо Шартномаи мазкур (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ва ё таҳрири нави он) дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба “Қарзгиранда” имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

- бо ҷойгир кардани Шартномаи мазкур дар сомонаи расмии "Қарздиҳанда" www.imon.tj;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии идораи амалиётӣ ва филиалҳои "Қарздиҳанда";
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки "Қарзгиранда" тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи "Қарздиҳанда" омадааст.

Бо хоҳиш ва талаби "Қарзгиранда" матни Шартномаи мазкур метавонад, ба ӯ бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда мешавад.

2.2 «Қарздиханда» ба «Қарзгиранда» бо тартиб ва шартҳои дар Шартномаи мазкур нишондодашуда бо истифодаи мақсаднокӣ, таъминнокӣ, муҳлатнокӣ ва музднокӣ, қарзи хурдро якбора медиҳад.

2.3 Қарзи хурд дар шакли ғайринақдӣ ба тариқи гузаронидани маблағи қарз ба суратҳисоби "Қарзгиранда" пешниҳод карда мешавад. Санаи пешниҳоди қарзи хурд – ин санаи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби «Қарзгиранда» ба шумор меравад ва санаи охирини пардохти қарз аз рӯи Ҷадвали пардохтҳо муайян карда мешавад.

2.4 Аз ҷониби «Қарзгиранда» ба шахси сеюм додани қарзи хурд қатъиян манъ буда, ӯро аз ӯҳдадорӣ озод намекунад ва дар оянда аз гирифтани қарз ва ё аз дигар хизматҳои молиявӣ маҳрум месозад.

2.5 Маблағи қарз аз тарафи «Қарзгиранда» баъди тасдиқи он ва бастани Шартномаи қарзи хурд дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ бояд гирифта шавад. Дар ҳолати дар давоми ин муддат нагирифтани маблағи қарз, пешниходи қарз ғайриимкон дониста мешавад.

2.6 Манбаъҳои пӯшонидани қарз - ин ҳама намуди даромадҳои «Қарзгиранда», аз ҷумла маблағҳои пулии дар суратҳисоби ӯ мавҷудбуда ва ё маблағҳои аз ҳисоби фурӯши амволи тахти гарав карордошта бадастомада, инчунин манбаъҳои дуюмдараҷа низ ба шумор меравaнд.

2.7 Ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо «Қарзгиранда» «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мебошад, маълумот дар бораи фаъолияти тиҷоратию хоҷагидории «Қарзгиранда»-ро, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махфӣ нигоҳ дорад.

2.8 Дар ҳолати аз ҷониби «Қарзгиранда» пардохтани маблағи қарзи асосӣ ба пуррагӣ ё як қисми он, пардохти минбаъдаи қарз мувофиқи Ҷадвали пардохтҳои тағйирёфта амалӣ мегардад.

## 3. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҚАРЗ ВА ФОИЗҲО

3.1 Ҳисоб кардани фоизи Қарз бо асъоре, ки Қарз гирифта шудааст, ба амал бароварда мешавад.

3.2 Маблағи асосии Қарз ва фоизҳо мувофиқи Ҷадвали пардохт, пардохт карда мешавад. Пардохти маблағи қарзи хурд ва фоизҳо, бо тартиби – баробар (аннуитетӣ), нобаробар (дифферентсионӣ) ва ё дигар тартибҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо муқаррар карда мешавад, ки он қисми ҷудонашавандаи Шартномаи карзи хурд ба шумор рафта, дар рӯзи додани маблағи қарзи хурд муайян ва тартиб дода мешавад.

3.3 Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ба Ҷадвали пардохт, ки ба пардохти пеш аз муҳлати қарз, тағйироти меъёри фоиз алоқаманд аст, “Қарздиҳанда” ба “Қарзгиранда” аз рӯи дархости ӯ Ҷадвали нави пардохтро ройгон пешниҳод мекунад.
3.4 Супоридани маблағ ба тариқи нақд аз ҷониби «Қарзгиранда» бевосита ба хазинаи «Қарздиҳанда» ё ғайринақдӣ (бо воситаи суратҳисоб, корти бонкӣ ё ҳамёни мобилӣ) ба анҷом мерасад. Барои маблағи пулие, ки аз ҷониби «Қарзгиранда» ба шахсони дигар (шахсони сеюм), кормандони «Қарздиҳанда» барои пардохти Қарз дода мешавад, «Қарздиҳанда» масъулият надорад.
3.5 Ҳамаи пардохтҳои маблағи қарзи хурд ва фоизҳои ҳисобшуда то соати 16:00-и рӯзи муқарраршуда тариқи нақдина ба хазинаи «Қарздиҳанда» ё ба тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохти «Қарздиҳанда», инчунин тавассути воситаҳои электронии пардохти дигар ташкилотҳои қарзӣ на дертар аз соати 17:00 қабул карда мешаванд. Ҳангоми насупоридани маблағи пардохт то соати 17:00 мувофиқи шартномаи қарзи хурд ҷарима ситонида мешавад. Ё ин ки аз тарафи «Қарздиҳанда» бо воситаи ордери мемориалӣ мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо аз суратҳисобҳои бонкии «Қарзгиранда» (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисобҳои кортӣ), ки дар Ташкилот пешбурд мегарданд ва дар шартномаи ин суратҳисобҳо розигии “Қарзгиранда” барои чунин шарти пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ байни “Тарафҳо” пешбинӣ шудааст, бо тартиби беаксептӣ бе огоҳонидан ситонида мешавад (аз ҳисоб бароварда мешавад).
3.6 «Қарздиҳанда» ба «Қарзгиранда» вобаста ба маҳсулоти қарзӣ барои пардохти қарзи асосӣ метавонад, давраи имтиёз муқаррар намояд.
3.7 Фоизҳо аз рӯзи аввали қарздорӣ, ки ба рӯзи додани қарз рост меояд, ҳисоб карда мешавад.
Ҳамаи ҳисобҳои пардохт дар асоси:
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар мӯҳлати қарз то як сол бошад, гузаронида мешавад;
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 365 рӯз, агар мӯҳлати қарз зиёда аз як сол бошад, гузаронида мешавад.
3.8 Дар ҳолати батаъхир афтодани пардохти маблағи қарз, маблағи воридшуда бо чунин тартиб қабул карда мешавад: аввал ҳамаи ҷарима ва фоизҳои батаъхирафтода, баъдан фоизҳои ҳисобшуда, қарзи асосии батаъхирафтода ва сипас қарзҳои ҷорӣ пардохт карда мешавад.
3.9 Ҳангоми аз ҷониби «Қарзгиранда» пеш аз мӯҳлат қисман ва ё ба пуррагӣ пардохт намудани маблағи қарз аз ӯ ноустуворона ситонида намешавад. Дар ин ҳолат «Қарзгиранда» бояд ба тариқи хаттӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир ва ё ба тариқи шифоҳӣ муроҷиат намуда, пеш аз мӯҳлат руйпӯш намудани пардохтҳои минбаъдаро изҳор намояд. Дар акси ҳол маблағи воридшуда мувофиқи ҷадвали пардохтҳо қабул карда мешавад.
3.10 Пардохтҳо барои истифодаи қарзи гирифташуда ва пардохти фоизҳо аз рӯи он, аз ҷониби Қарзгиранда дар рӯз ва/ё то фаророасии Санаи Пардохт, дар ҳаҷми

муқаррарашуда амалӣ карда мешаванд. Агар Санаи Пардохт ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, Санаи Пардохт рӯзи дигари наздиктарини корӣ ҳисоб карда мешавад.

3.11 Баргардонидани маблағи қарз ва пардохти фоизҳо мумкин аст ба таври ғайринақдӣ, тавассути гузаронидани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби Қарздиҳанда ва ё ба воситаи гузоштани маблағҳои пулии нақд бевосита ба хазинаи Қарздиҳанда амалӣ карда шавад.

3.12 Ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) аз ҳисоби қарзи пешниҳодшуда дар рӯзи пешниҳоди қарз ситонида мешавад.

## 4. ТАЪМИНОТИ ҚАРЗИ ХУРД

4.1 Пешкаш намудани карз, бе таъмин ва ё бо таъмин намудани баргардонии он, амалӣ мегардад.

4.2 Дар сурати иҷро нашудани ӯҳдадориҳои «Қарзгиранда», қарз метавонад тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун пеш аз мӯҳлат, аз он ҷумла тавассути фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҳисоби дигар молу мулки «Қарзгиранда» ва ё аз ҳисоби зомин ситонида шавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**5.1 «Қарзгиранда» ҳуқуқ дорад:**

5.1.1 Маблағи қарзи гирифтаашро қисман ва ё ба пуррагӣ мувофиқи тартиби дар Пешниходи карзии мазкур пешбинигардида пеш аз мӯҳлат пардохт намояд.

5.1.2 Аз «Қарздиҳанда» тариқи шифоҳӣ ва ё хаттӣ, маълумотнома дар бораи иҷроиши ӯҳдадории қарзӣ, оид ба тавозуни бақияи қарз, дар бораи пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҷаримаи пардохтшуда талаб намояд.

5.1.3 Ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати Шартномаи қарзи хурд ва ё ин ки дар ҳолати пеш аз мӯҳлат пардохт намудани маблағи қарз, ба «Қарздиҳанда» оид ба гирифтани қарзи навбатӣ дархост (ариза) пешниҳод намояд.

5.1.4 Доир ба сифати хизматрасонӣ фикру ақидаи худ ва ё арзу шикоят баён намояд.

5.1.5 Барои тафтиши мунтазами «Қарзгиранда» дар низоми Бюрои таърихи қарзӣ розигии бемуҳлат ва бе маҳдудияти шумораи тафтишҳо ба «Қарздиҳанда» аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин, вале бо онҳо маҳдуднашуда медиҳад: тафтиши дархости «Қарзгиранда», бо мақсади мониторинги давра ба давра, бо мақсади омода намудани пешниҳоди қарзӣ ба «Қарзгиранда» бо ташаббуси Ташкилот ва ғ.

**5.2 «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:**

5.2.1 Дар ҳолати номувофиқатии «Қарзгиранда» ба талаботҳои қарздиҳии «Қарздиҳанда» пешниҳоди қарзро рад намояд.

5.2.2 Мақсаднок истифодабарии маблағи қарзи хурдро назорат намояд. Бо мақсади таҳлили (мониторинги) истифодабарии маблағи қарз, ба ҷойҳои фаъолияти «Қарзгиранда» ворид шуда, ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои зарурииро оид ба нишондиҳандаҳои молиявӣ, дар бораи мақсаднок истифода бурдани маблағи қарзи хурд ва оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ талаб намояд.

5.2.3 Пардохти маблағи қарзро аз рӯи ҷадвали пардохтҳо назорат намояд.

5.2.4 Мавриди ба миён омадани ҳолатҳои дар қисми 7-и ҳамин Шартнома муайян гардида, «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:

- ӯҳдадориҳои худро нисбати қисми боқимондаи қарзи хурд, ки ҳоло ба «Қарзгиранда» пешниҳод накардааст, бекор кунад;
- Шартномаи қарзии хурдро бо талаби пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарзи хурд, фоизҳо ва ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда қатъ намояд;
- чораҳои дигари ҳуқуқиро мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд.

5.2.5 Дар ҳолати расидани мӯҳлати пардохти фоизҳои ҳисобшудаи карз мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо, инчунин аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон кардани шартҳои Шартномаи қарзи хурд, ки пардохти саривақтии фоизҳои ҳисобшудаи қарзро мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо пешбинӣ менамояд «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад, бо тариқи беаксептӣ аз ҳисоби «Қарзгиранда» маблағи дар ҳамон лаҳза ҳисобшавандаро бо ситонидани ноустоворонае, ки дар Шартномаи карзи хурд пешбинӣ шудаст, ситонад.

5.2.6 «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад, дар ҳолати саривақт пардохт накардани қарз бо тариқи маҷбурӣ рӯёнидани амволи ба гарав пешниҳод шудаи «Қарзгиранда»-ро бо мақсади рӯйпуш кардани Қарзи хурди додашуда, пардохти фоизҳои ҳисобшуда ва маблағҳои дигарро (ҷарима, ноустуворона) ба он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал барорад.

5.2.7 «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад, бо тариқи хаттӣ пештар аз 20 (бист) рӯзи корӣ «Қарзгиранда»-ро хабардор намуда, пеш аз мӯҳлат пардохтани маблағи боқимондаи Қарзи хурд ва маблағҳои аз рӯи он пардохтшавандаро аз «Қарзгиранда» дар ҳолатҳои зерин талаб намояд:

а) аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон намудани Ҷадвали пардохтҳо, яъне мунтазам дер пардохтани маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда;

б) ғайримақсаднок истифода бурдани маблағи Қарзи хурд ва бад шудани ҳолати молиявии «Қарзгиранда», дарёфти маълумот оиди бардурӯғ ё нопурра пешниҳод шудани нишондиҳандаҳои молиявӣ аз тарафи «Қарзгиранда»;

в) аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон кардани ҳар кадоме аз шартҳои Шартномаи карзи хурд ва Шартномаи гарав, ки барои таъмини пардохти Қарзи хурд баста шудаанд.

**5.3 «Қарзгиранда» ӯҳдадор аст:**

5.3.1 Маблағҳои қарзи хурдро мувофиқи шартҳои Шартномаи карзи хурд гирад ва онро мақсаднок истифода барад.

5.3.2 Ҷадвали пардохти қарзро риоя намояд ва мутобиқи он маблағи қарзро дар назди «Қарздиҳанда» пардохт намояд.

5.3.3 Дар ҳолати саривақт пардохт накардани маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳои қарз, ҷаримаҳои ба ҳар як рӯзи батаъхирафтодаи пардохти маблағи қарзи ҳисобшударо пардохт намояд.

5.3.4 Ба намояндаи «Қарздиҳанда» дар мавриди гузаронидани таҳлили (мониторинг) истифодабарии қарз, тамоми маълумотҳоро аз ҷумла: маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои молиявӣ, дар бораи мақсаднок истифода бурдани

маблағи қарзи хурд ва оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, бо иловаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод намояд. Намояндаи «Қарздиҳанда»-ро ба утоқи хизматӣ, истеҳсолӣ, анборҳо ва дигар ҷойҳо рухсат диҳад ва бо талаби он маълумотҳои пурсидашударо тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ пешниҳод намояд.

5.3.5 Дар ҳолати фурӯши дороиҳои худ, инчунин дар ҳолати баромад кардан ба сифати кафил ва ё гаравдеҳ аз рӯи ӯҳдадориҳои дигар, инчунин дар ҳолати гирифтани қарз аз дигар ташкилотҳои қарзӣ, «Қарзгиранда» дар муддати 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи қабули қарори дахлдор, «Қарздиҳанда»-ро оид ба ин амалҳо фавран хабардор намояд.

5.3.6 Дар ҳолати батаъхир афтодани пардохти маблағҳо онро мувофиқи тартиби дар Шартномаи мазкур пешбинигардида пардохт намояд.

5.3.7 Расидҳои хазинавии пардохти қарзро (инчунин дар шакли электронӣ) то ба пуррагӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳо нигоҳ дорад, зеро онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохт мебошанд.

5.3.8. Қарзгиранда барои аз ҷониби намояндагони Барномаҳои қарзӣ (доннорҳо ва инвесторҳо) ташриф омадан ба минтақаҳои фаъолият ва зисти ӯ, бо мақсади санҷидани мақсаднок истифодабарии қарз, иҷозат медиҳад.

**5.4 «Қарздиҳанда» ӯҳдадор аст:**

5.4.1 Ба «Қарзгиранда» маблағҳои қарзро мувофиқи шартҳои Шартномаи қарзи хурд пешниҳод намояд.

5.4.2 Аз «Қарзгиранда» маблағи қарзи пешниҳодкардаашро мувофиқи тартиби дар Шартномаи мазкур пешбинигардида пеш аз мӯҳлат қабул намояд.

5.4.3 Бо талаби хаттии «Қарзгиранда» ба ӯ маълумотнома оид ба пардохти (рӯйпуши) маблағи қарзро пешниҳод намояд.

5.4.4 «Қарзгиранда»-ро 5 (панҷ) рӯз пеш аз татбиқ намудани чорабиниҳое, ки дар банди 5.2.4. Фасли мазкур нишон дода шудааст, ба тариқи хаттӣ огоҳ намояд.

## 6. ҲОЛАТҲОИ ИҶРО НАКАРДАН

6.1 Аз тарафи «Қарзгиранда» пардохт накардан ва ё нопурра пардохт кардани маблағи қарз роҷеъ ба Ҷадвали пардохтҳо.

6.2 «Қарзгиранда» ягон шарт ва ӯҳдадориҳои шартнома дар бораи қарзи хурдро иҷро накардааст, аз он ҷумла, қарз ғайримақсаднок истифода бурда шудааст.

6.3 Дар давраи истифодабарии маблағи қарз «Қарзгиранда» ғайри қобили амал дониста шудааст.

6.4 Ҳолати молиявии «Қарзгиранда» хароб гашта, ба тағйироти номусоид дучор гардидааст, ки аз нигоҳи «Қарздиҳанда» ин ҳолат ба қобилияти пардохтпазирии «Қарзгиранда» таъсири манфӣ мерасонад.

6.5 «Қарзгиранда» бо талаби «Қарздиҳанда» таъминоти қарзиро иваз ё таъминоти иловагӣ пешниҳод накардааст;

6.6 Ҳолатҳои дигар, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1. «Тарафҳо» барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шарт ва ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартномаи қарзи хурд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
7.2. Дар ҳолати мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо саривақт пардохт накардан ва ё пардохти нопурраи маблағи қарзи хурд (маблағи алоҳидаи ҳар як транш), баъди ҳар як давраи пардохти навбатӣ, ҷарима ба андозаи 0,5% аз маблағи батаъхирафтода барои ҳар як рӯз ситонида мешавад. Ҳисоби ҷарима аз бақияи қарзи асосӣ ва фоизҳо, ки мувофиқи ҷадвали пардохт батаъхир гузошта шудааст, анҷом дода мешавад.
7.3. Ҷарима аз пардохтҳои моҳонаи маблағи батаъхиргузошташудаи маблағи қарзи хурд (маблағи алоҳидаи ҳар як транш) дар муддати то 30 рӯз баъди адои муҳлати шартномаи қарзи хурд ҳисоб карда мешавад. Инчунин, баъди соати 16:00 рӯзи муқарраргардидаи пардохти маблағҳои қарзи хурд (маблағи алоҳидаи ҳар як транш) ба хазинаи «Қарздиҳанда» ва тариқи терминалҳои қабули пардохтҳо ворид шудани маблағ, ё ба тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохти «Қарздиҳанда», инчунин тавассути воситаҳои электронии пардохти дигар ташкилотҳои қарзӣ на дертар аз соати 17:00 он бе ситонидани ҷарима қабул карда мешавад. Пардохти ҷарима «Қарзгиранда»-ро аз иҷрои ӯҳдадориҳо ва бартараф намудани ҳолатҳои иҷро накардани Шартномаи қарзи хурд озод намекунад.
7.4. Дар ҳолати вафоти «Қарзгиранда», ҳамаи ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи Шартномаи қарзи хурд ба зимма дошт, мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ мегузаранд.
7.5. Дар ҳолати тағйир ёфтани нархи бозор ба тарафи камшавӣ, бадшавӣ ё нобудшавии амволи ба гарав гузошташуда (таҳти истифодабарӣ, доштан ё нигоҳ доштани «Қарзгиранда»), «Қарзгиранда» дар назди «Қарздиҳанда» масъулияти пурраи молумулкиро бо тамоми амволаш то пурра иҷро намудани ухдадорӣ, бар дӯш дорад.
7.6. Дар ҳолати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Қарзгиранда гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Қарздиҳанда бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Қарзгиранда аз рӯи маблағи муҳлати пардохташ батаъхирафтода ба андозаи 0,5% ҷарима месупорад.

## ФАСЛИ 5. ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАРЗИИ ОВЕРДРАФТ

### 1. Мазмуни хизматрасонӣ

1.1. «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мешавад, ки дар ҳолати норасоӣ ва набудани маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби «Қарзгиранда», ин суратҳисобро ба андозаи дар доираи меъёри муқарраршуда ва мувофиқи маҳсулоти қарзӣ дар рӯзи ба имзо расидани Шартномаи карзии хурди овердрафт бо асъори миллӣ ба маблағ ва муҳлати дар Шартномаи хурди қарзии овердрафт нишон додашуда, қарз диҳад.
1.2. «Қарзгиранда» ӯҳдадор мешавад, ки қарзи овердрафтро бо шарти баргардонидан ва барои истифодаи он фоиз пардохт намудан, гирад.
1.3. Маблағи қарзи овердрафт ба «Қарзгиранда» тавассути суратҳисоби корти

бонки дар намуди пули накд ва ё ғайринақдӣ дастрас мебошад.
1.4. Ҳангоми аз тарафи “Қарзгиранда” дар муҳлати муқарраршуда пардохт намудани қарз, дастрасӣ ба қарзи овердрафт дар доираи меъёри мукарраргашта аз нав барқарор карда мешавад.
1.5. Қарзи овердрафт ба тариқи ғайриакceптӣ, ҳангоми ворид шудани маблағ ба суратҳисоби кортӣ ва ё дигар суратҳисобҳои “Қарзгиранда” пардохт карда мешавад.
1.6. Санаи пешниҳоди қарз рӯзи аввалине, ки «Қарздиҳанда» суратҳисоби «Қарзгиранда»-ро маблағгузорӣ менамояд, ҳисобида мешавад.
1.7. Дар ҳолати аз ҷониби «Қарзгиранда» бо истифода аз корт гирифтани маблағи пули нақд аз банкоматҳо, постерминалҳо ва дигар таҷҳизотҳои пулдиҳии дигар ташкилотҳои қарзӣ, ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) бо меъёри аз ҷониби ин ташкилотҳои қарзӣ муқарраршуда, ситонида мешаванд. Маълумот оиди тарофахо дар сомонаи Ташкилот дастрас мебошад.
1.8. Барои пешниходи карзи овердрафт, аз «Қарзгиранда» ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) ситонида намешавад.

## 2. Меъёри фоиз ва тартиби пардохти он

2.1 Барои истифодаи карзи овердрафт «Қарзгиранда-дорандаи корт» ба «Қарздиҳанда» ба меъёри дар Шартномаи хурди қарзии овердрафт маблағ пардохт менамояд.

2.2. Фоиз аз рӯи бақияи воқеии қарз ба аввали рӯзи амалиётӣ вобаста аз миқдори рӯзҳо дар сол (360 рӯз) ҳисоб карда мешавад.
2.3. Оиди ҳисобкунии фоизи карз давраи имтиёзнок аз лаҳзаи гирифтани қарз ба муддати дар Шартномаи хурди қарзии овердрафт муайян карда мешавад. Баъди ба итмом расидани мӯҳлати имтиёзнок, ҳисобкунии фоизи қарз аз 1–ум рӯзи гирифтани қарзи овердрафт амалӣ мегардад.
2.4. Ҳамаи пардохтҳои маблағи қарзи овердрафт ва фоизҳои ҳисобшуда то соати 16:00-и рӯзи муқарраршуда тариқи нақдина ба хазинаи «Қарздиҳанда» ё ба тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохти «Қарздиҳанда», инчунин тавассути воситаҳои электронии пардохти дигар ташкилотҳои қарзӣ на дертар аз соати 17:00 қабул карда мешаванд. Ҳангоми насупоридани маблағи пардохт то соати 17:00 мувофиқи шартномаи қарзии мазкур, ҷарима ситонида мешавад.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн

3.1. «Қарздиҳанда» ӯҳдадор аст:
3.1.1. Дар доираи меъёри муқарраршуда ба «Қарзгиранда» қарзи овердрафт пешниход намояд.
3.1.2. Ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо «Қарзгиранда-дорандаи корт» «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мебошад, ки маълумот дар бораи фаъолияти тиҷоратию хоҷагидории «Қарзгиранда»-ро, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махфӣ нигоҳ дорад.
3.2. «Қарзгиранда» ӯҳдадор аст:

3.2.1. Қарзи овердрафт ва фоизҳои онро дар мӯҳлати муайяншуда саривақт пардохт намояд. Ҳангоми риоя накардани мӯҳлатҳои баргардонидани қарзи овердрафт, ҷарима дар ҳаҷми муқарраршуда то санаи баргардонидани воқеии он пардохт намояд.
3.2.2. Бо талаби «Қарздиҳанда» тамоми маълумот ва ҳуҷҷатҳои лозима барои назорати иҷрои шартҳои Шартномаи мазкур пешниҳод намояд.
3.3. «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:
3.3.1. Дар ҳолати батаъхиргузории пардохти қарзи овердрафт:
- аз «Қарзгиранда» пеш аз мӯҳлат пардохти қарзи асосии овердрафт ва фоизҳои онро бо пешниҳоди огоҳии хаттӣ талаб намояд.
- ба тариқи ғайриакссептӣ қарзи овердрафт, фоизхо ва ҷаримаи ҳисобшударо аз ҳисоби суратҳисобҳои бонкии «Қарзгиранда-дорандаи корт», ки дар Ташкилот кушодааст, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда ситонад.
- аз ҳисоби дигар амволҳои «Қарзгиранда» қарзи овердрафт ва ӯҳдадориҳои ҳисобшударо ситонад.
- дар ҳолати рӯйпӯш нагаштани маблағи қарзи овердрафт ва фоизҳое, ки дар мухлати истифодаи он ҳисоб карда шудааст, инчунин дар ҳолати зиёд гирифтани овердрафт аз меъёри муқарраршуда, аз ҷониби "Қарзгиранда", ҳамаи амалиётҳои кортии "Қарзгиранда"-ро боздорад ва меъёри овердрафтро то сифр кам намояд.
3.3.2. Хангоми ба таъхир гузоштани карзи овердрафт, ба «Қарзгиранда» дастрасиро ба овердрафт катъ намояд.
3.3.3. Ҳар нимаи аввали моҳ меъёри (лимити) овердрафтро вобаста аз шартҳои маҳсулоти қарзии овердрафт ба тарафи баланд ва ё паст дида барояд.
3.3.4. Барои тафтиши мунтазами «Қарзгиранда» дар низоми Бюрои таърихи қарзӣ розигии бемуҳлат ва бе маҳдудияти шумораи тафтишҳо ба «Қарздиҳанда» аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин, вале бо онҳо маҳдуднашуда медиҳад: тафтиши дархости «Қарзгиранда», бо мақсади мониторинги давра ба давра, бо мақсади омода намудани пешниҳоди қарзӣ ба «Қарзгиранда» бо ташаббуси Ташкилот ва ғайра.
3.4. «Қарзгиранда» ҳуқуқ дорад:
3.4.1. Дар ҳолати набудани ӯҳдадорӣ аз рӯи қарзи овердрафти додашуда, ё ин ки фоизҳо барои истифодаи он «Қарздиҳанда»-ро пештар аз 10 рӯзи тақвимӣ, тариқи хаттӣ огоҳ намуда, Шартномаи мазкурро яктарафа бекор намояд.

## 4. Дастрасӣ ба овердрафт

4.1. Мутобиқи шартҳои Шартномаи мазкур "Қарздиҳанда" ба "Қарзгиранда" ҳуқуқи истифодаи қарзи овердрафт ба андозаи вобаста аз Ҷадвали маҳсулотҳои қарзӣ ва Тарофаҳои амалкунандаи Ташкилот бо шарти баркароршаванда пешниҳод менамояд.
4.2. Хангоми ба таъхир гузоштани карзи овердрафт, Қарздиҳанда ба «Қарзгиранда-дорандаи корт» дастрасии минбаъдаро ба овердрафт катъ менамояд.
4.3. Пардохти қарзи овердрафт ва фоиз аз ҳисоби суратҳисоби корти "Қарзгиранда" таъмин мегардад, ва дар ҳолати норасоӣ будани маблағ дар

суратҳисоби кортӣ, қарзи овердрафт аз ҳисоби воситаҳои пулие, ки дар тамоми суратҳисобҳои бонкии "Қарзгиранда" вуҷуд доранд, ба тариқи ғайриаксептӣ рӯйпӯш карда мешавад.
4.4. Дар доираи мухлати амали Шартномаи мазкур меъёри қарзи овердрафт дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:
- ҳангоми аз тарафи "Қарзгиранда" вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур, инчунин ба таъхир афтодани пардохти қарз;
- мавриди пайдо шудани маълумоти манфӣ нисбати "Қарзгиранда".
4.5. Дар баробари қатъ намудани меъёри қарзи овердрафт бо ҳолатҳои дар банди 4.4 Фасли мазкур қайд шуда, аз "Қарзгиранда" бозгашти қарзи овердрафт ва фоизи он талаб карда, гирифта мешавад.

**5.** Мӯҳлати амали шартнома

5.1. Мухлати амали Шартномаи мазкур дар Шартномаи қарзи хурди овердрафт муқаррар карда мешавад.
5.2. Шартномаи мазкур аз санаи ба имзо расидани Шартномаи қарзи хурди овердрафт аз ҷониби Тарафҳо қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад ва то иҷроиши пурраи ҳамаи ӯҳдадориҳои дар доираи Шартнома муқарраршуда аз ҷониби Тарафҳо эътиборнок аст.

## ФАСЛИ 6. БАРОРИШ, ПЕШНИҲОД ВА ХИЗМАТРАСОНӢ БА ДОРАНДАГОНИ КОРТҲО

### 1. Мавзӯи Шартнома

1.1. Мавзӯи фасли мазкур кушодан ва пешбурди суратҳисоби кортӣ ва шартҳои барориш, пешниҳоду истифодабарии корти бонкӣ (аз ҷумла корти виртуалӣ) - и Ташкилотро дарбар мегирад, ки аз ҷониби дорандаи он бинобар анҷомдиҳии амалиёти пардохтию ҳисобӣ ва гирифтани воситаҳои пулӣ сурат мегирад.
1.2. Бо мақсади шиносоии "Муштарӣ" бо кушодан ва пешбурди суратҳисоби кортӣ ва шартҳои барориш, пешниҳоду истифодабарии корти бонкии Ташкилот (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ва ё таҳрири нави он) дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба Мизоҷ имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:
- бо ҷойгир кардани кушодан ва пешбурди суратҳисоби кортӣ ва шартҳои барориш, пешниҳоду истифодабарии корти бонкии Ташкилот дар сомонаи расмӣ www.imon.tj;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии идораи амалиётӣ ва филиалҳои «Ташкилот";
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки "Муштарӣ" тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи «Ташкилот" омадааст.
1.3. Ба як суратҳисоби Муштарӣ мумкин аст, якчанд кортҳои бонкӣ пайваст карда шаванд. Маблағи пулие, ки дар суратҳисоби Муштарӣ мавҷуд аст, метавонад аз ҷониби якчанд кортҳои бонкӣ истифода бурда шаванд, дар доираи лимити муайянкардаи Муштарӣ.
1.4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо тибқи Шартномаи мазкур бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, Шартномаи мазкур, Тарофаҳои

Ташкилот ва Қоидаҳои истифодабарии корт (минбаъд "Қоидаҳо", Замимаи №1 ба фасли мазкур муайян карда мешаванд.

1.5. Мутобиқи Аризаи барои гирифтани кортҳои бонкӣ Ташкилот дар давоми то 15 рӯзи бонкӣ пас аз ба имзо расонидани Шартномаи мазкур дар асоси Қоидаҳо ва вориди воситаҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ба Муштарӣ бинобар анҷомдиҳии амалиётҳо Корт (аз ҷумла корти виртуалӣ) пешниҳод мекунад.

1.6. Ҳамзамон ба Муштарӣ дар якҷояги бо корт ПИН-лифофа (ба истисно корти виртуалӣ) супурда мешавад, ки дар он ПИН-рамзи махфии Дорандаи корт дарҷ ёфтааст ва набояд ба шахсони сеюм маълум карда шавад.

## 2. БАРОРИШИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ

2.1. Барои барориши кортҳои пардохтӣ Муштарӣ ба Ташкилот ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- Ариза барои гирифтани корти пардохтӣ;

2.2. Аризаи Муштарӣ барои гирифтани корти пардохтӣ бояд аз маълумотҳои зерин иборат бошад:

- Ном, насаб ва номи падар ва маълумотҳои шиносномавии Дорандаи корт;
- Қайди намуди корт ва асъори суратҳисоби бонкии корти пардохтӣ;
- Маълумоти санҷишӣ (пайдарҳамии ҳарфӣ-рақамӣ);
- Имзои Дорандаи корт;
- Аризае, ки ба талаботҳои дар болозикршуда мутобиқат намекунанд, ба иҷроиш қабул карда намешаванд.
- Барориши кортҳо дар асоси Ариза барои кушодани корти пардохтӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Муштарӣ ба Ташкилот фиристодашуда амалӣ гардонида мешавад. Муштарӣ метавонад якчанд кортҳоро барорад, барои ҳар як Аризаи алоҳида барои барориши корт пешниҳод карда мешавад.

2.3. Гирифтани кортҳои пардохтӣ, ПИН-лифофаҳо ва дигар муросилоти барои Дорандаи корт пешбинишуда, аз ҷониби Дорандаи корт амалӣ гардонида мешавад.

2.4. Муҳлати амали кортҳои пардохтӣ вобаста ба намуди кортҳо дар Тарофаи Ташкилот оварда шудааст. Муштарӣ метавонад, бо Тарофаҳо дар сомонаи Ташкилот шинос шавад.

2.5. Муштарӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолати гум кардани он ё ПИН-рамз, вайроншавии қобилияти кории корт, ивази ному насаби Доранда ва ғ. пеш аз муҳлат аз нав барорад. Дар ин ҳолат Муштарӣ Ариза барои аз нав баровардани корти пардохтиро бо қайди сабаби аз нав баровардани корт пешниҳод намояд. Ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) барои аз нав баровардан аз суратҳисоби кортии Муштарӣ мувофиқи Тарофаҳои Ташкилот ситонида мешавад.

2.6. Баъди гузаштани муҳлати корт ва ҳангоми аз ҷониби Муштарӣ дархости такрорӣ накардан корти виртуалӣ ба Муштарӣ кушода шуда, боқимондаҳои маблағи ӯ ба корти виртуалӣ мегузаранд.

2.7. Дар ҳолати зарурӣ Муштарӣ метавонад бораи як суратхисоб якчанд корти иловагӣ дархост кунад. Дар ин маврид кортҳои иловагӣ танхо бо тарофахои барои шахсони воқеӣ дода мешавад (бидуни тарофаҳои маошӣ) .

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо

**3.1. Муштарӣ уҳдадор аст:**

3.1.1. Маълумоти зарурию эътимоднок ва Ариза тибқи намунаи муқарраршуда ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумотро (нусха) барои ба расмият даровардани корт пешниҳод намояд.

3.1.2. Анҷом додани амалиёт бо истифодаи корт дар ҳудуди бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоби худ, роҳ надодан ба овердрафт ва риояи меъёри харҷи якрӯза дар сурати муқаррар кардани он. Меъёри стандартии харҷи якрӯза вобаста ба навъи корт муқаррар карда шуда, метавонад бо дархости Муштарӣ тибқи Тарофа тағйир дода шавад.

3.1.3. Подоши маблағи амалиётҳои анҷомдода бо истифодаи корт ба Ташкилот ва пардохти хизматрасонии Ташкилот мутобиқи Тарофаҳо, инчунин қоидаҳои Системаи пардохтӣ.

3.1.4. Риояи қатъии Қоидаҳои истифодабарии корт ва анҷом надодани амалиётҳо вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияте, ки ба қонунгузории ҶТ ва Қоидаҳои Ташкилот мухолифат дорад.

3.1.5. Нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳое, ки бо истифодабарии корт анҷом дода мешаванд (ҳисобҳо, чекҳо, пардохтнома) то ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи корт ва пешниҳоди онҳо бо дархости Ташкилот бинобар ба танзим овардани масъалаҳои баҳсӣ.

3.1.6. Дар сурати махрум (гумшавӣ, рабудашавӣ) гардидан аз корт фавран огоҳ намудани Ташкилот тавассути телефон ё худ факс ва дар давоми 2 рӯз пешниҳоди аризаи хаттӣ (мавриди дурдастии маҳалли ҷойгиршавӣ – ирсоли ариза тавассути факс бо имзои шахсӣ, ки дар Ариза оид ба дарёфти корт дарҷ ёфтааст).

3.1.7. Подоши хароҷоти Ташкилот вобаста ба тамоми амалиётҳое, ки аз ҷониби шахсони сеюм то лаҳзаи басташавии корт ё худ дарҷи рақами корт дар Варақаи манъ анҷом дода шудааст, инчунин мавриди басташавии корт (ҳангоми дарҷи рақам дар Варақаи манъ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза то лаҳзаи воқеан дарҷёбии рақам дар Варақаи манъ) – хароҷот аз рӯи амалиёте, ки бидуни иҷозат (авторизатсия) анҷом дода мешаванд.

3.1.8. Мавриди пайдоиши овердрафт пӯшонидани қарзи Ташкилот на дертар аз рӯзи минбаъдаи корӣ аз лаҳзаи пайдоиши он.

3.1.9. Ба тариқи хаттӣ огоҳ намудани Ташкилот оиди ҳама гуна тағйирот вобаста ба маълумоти дар Ариза (ному насаб, нишонӣ, ҷойи истиқомат) дарҷ ёфта дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди чунин тағйирот.

3.1.10. Гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз рӯзи дуюми баъди анҷомдиҳии амалиёт ва дар сурати норозигӣ бо он, пешниҳоди эътирози хаттӣ ба Ташкилот (мавриди дурдастии маҳалли ҷойгиршавӣ – тавассути факс) дар дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос, ҷиҳати танзими масъалаҳои баҳсӣ.

3.1.11. Огоҳ намудани Ташкилот дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар бораи саҳван ба ҳисоби ӯ гузаронидани воситаҳои пулӣ ва баргардонидани маблағи мазкур ба Ташкилотдар давоми 3 (се) рӯзи кор.

**3.2. Ташкилот уҳдадор аст:**

3.2.1. Барои Муштарӣ ҳисоби корт бо асъори сомонӣ ё бо асъори дигар кушояд.

3.2.2. Таҳия ва супурдани корт ба номи Доранда дар давоми 15 рӯзи корӣ пас аз ба имзо расидани Ариза ва воридшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоб.

3.2.3. Муштарӣ-дархосткунандаро мушаххас намояд.

3.2.4. Хизматрасонии ҳисоб ва амалиёти Дорандаи кортро мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи меъёрҳои аз ҷониби Системаи пардохтӣ қабулгардида таъмин намояд.

3.2.5. Хизматрасонии хабаррасониро пайваст намояд, ки он ба Дорандаи корт барои гирифтани огоҳиномаи электронӣ дар бораи амалиёти тавассути корти пардохтии бонкӣ анҷомдода имконият медиҳад.
3.2.6. Мизоҷ-дархосткунандаро то гирифтани корт бо шартҳои барориш, истифодаи корт ва тарифҳои дахлдор шинос намояд. Оид ба хавфи амалҳои қаллобӣ бо корт ва чораҳои пешгирии онҳо Муштарӣ-дархосткунандаро огоҳ намояд. Агар дар давоми 6 моҳ аз рузи бақайдгирии дархост мизоҷ корти номӣ-ро нагирад, корт нобуд карда мешаванд.
3.2.7. Мунтазам истифодаи қаллобонаи кортҳои пардохтии бонкиро ошкор карда, маълумот дар бораи ҳолатҳои қаллобиро маҳфуз дорад ва барои пешгирӣ ва аз байн бурдани ҳолатҳои истифодаи қаллобонаи кортҳои пардохтии бонкиро аз ҷониби кормандон, дорандагони кортҳо, муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар ташкилотҳо чораҳои зарурӣ андешад.
3.2.8. Кортро якҷоя бо қоидаҳои истифодаи кортҳо ва тарифҳои амалкунандаи барориш ва истифодаи корт, инчунин рақами мушаххаскунандаи шахсӣ ва/ё дигар рамзҳое, ки метавонанд Дорандаи кортро мушаххас намоянд, ба Дорандаи корт пешниҳод намояд. Қоидаҳои истифодаи кортҳо якҷоя бо тарофаҳои Ташкилотба Дорандаи корт дар ҳомили коғазӣ ё бо розигии ӯ дар намуди электронӣ дода мешавад. Инчунин Қоидаҳои истифодаи кортҳо, тарофаҳои Ташкилоттариқи шиносоӣ дар сомонаи Ташкилотwww.imon.tj амалӣ карда мешавад.
3.2.9. Шиносонидани Дорандаи корт бо Тарофаҳо ва Қоидаҳо ва сари вақт хабардор намудани ӯ оиди воридшавии тағйирот ба Тарофаҳо ва Қоидаҳо бо роҳи пешниҳоди маълумоти дахлдор дар якҷоягӣ бо иқтибоси ҳармоҳа аз рӯи ҳисоб (панҷ рӯз пеш аз рӯзе, ки тағйирот мавриди амал қарор дода мешавад), инчунин – ҷойгиркунии маълумот дар ҷойҳои хизматрасонӣ ба Дорандагони корт. Шиносонидани Дорандаи корт (корманди корхона) бо Тарофаҳо ва Қоидаҳо ва сари вақт хабардор намудани ӯ оиди воридшавии тағйирот ба Тарофаҳо ва Қоидаҳо дар рӯзи пешниҳод намудани Фармони корхона дар бораи аз кор озод кардани корманд амалӣ гардонида мешавад.
3.2.10.Таъмини ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиёте, ки бо истифодаи корт анҷом дода мешавад.
3.2.11.Пешниҳоди иқтибос ба Дорандаи корт. Дар сурати ворид нагардидани эътироз аз ҷониби Муштарӣ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос он тасдиқгардида эътироф мешавад.
3.2.12.Пешниҳоди иқтибос аз рӯи ҳисоби Дорандаи корт бо дархости ӯ.
3.2.13.Боздоштан (бастан) ва ё қатъ гардонидани амали корт мавриди гирифтани аризаи дахлдори Муштарӣ, аз он ҷумла хангоми гумшавӣ ва ё ивази корт, бекоркунии пеш аз мӯҳлати Шартнома, ё худ интиҳои мӯҳлати амали корт ва Шартнома.
3.2.14.Дар сурати рӯй додани ҳолати фавқулода (гум кардан, дуздидан, истифодаи беиҷозати корт) барои фавран қатъ намудани ҳар гуна амалиёти тавассути корти мазкур гузаронидашаванда ҳамаи чораҳои заруриро андешад, инчунин вақт ва санаи гирифтани огоҳиномаро ба қайд гирад.
3.2.15.Дар сурати пеш аз мӯҳлат бекор кардани и Шартнома ё худ анҷоми мӯҳлати амали Шартнома ва корт ба Дорандаи корт баргардонидани бақияи воситаҳои пулӣ аз рӯи ҳисоб, ки пас аз анҷомдиҳии тамоми ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд меоянд, бояд аз рӯи дархости дорандаи корт баргардонида шавад. Баргардонидани воситаҳои пулӣ тариқи хазинаи Ташкилотё худ бо роҳи интиқоли маблағ ба ҳисоби ишоранамудаи Дорандаи корт.

3.2.16.Махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкӣ аз рӯи амалиётҳои Дорандаи корт.

3.2.17.Ҳангоми мурочиат намудани Дорандаи корт тарики дархости хаттӣ, Ташкилотхар мох як маротиба ба таври ройгон беруннависи суратхисобашро ба таври хаттӣ пешниход менамоянд.

**3.3. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:**

3.3.1.Суратҳисоби кортиро аз ҳисоби ворид намудани пули нақд ба хазинаиТашкилот, филиали он, нуқтаҳои хизматрасонии Ташкилот, қарзи додашуда, фоизи ба бақияи маблағи суратҳисоби кортӣ ҳисобшуда, бо роҳи интиқоли маблағҳои пулӣ аз дигар суратҳисобҳои худ, тавассути банкоматҳое, ки ин гуна вазифаро иҷро мекунанд, терминалҳои худкори худхизматрасон, инчунин аз дигар суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо супоришномаи онҳо бо маблағҳои пулӣ метавонад пур кунад.

3.3.2.Пешниҳоди даъво дар сурати норозигӣ бо иқтибос ё худ пайдоиши масъалаҳои баҳсӣ доир ба амалиётҳои анҷомдода ва дархости ҳуҷҷати тасдиққунандаи Ташкилот оид ба дурустии харҷи воситаҳои пулӣ. Ҳамзамон пайдоиш ва баррасии вазъиятхои баҳсӣ бо мӯҳлати 10-рӯза маҳдуд нагардида, дар давоми 70 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи анҷомдиҳии амалиёт ба танзим оварда мешаванд.

3.3.3. Дар сурати норозигӣ бо Тарофаҳои нави тасдиқгардидаи Ташкилотаз истифодабарии корт дасткашида шуда, корт ба Ташкилот супорида мешавад.

3.3.4. Гирифтани корти нав дар сурати маҳрумшавӣ (гумшавӣ, рабудашавӣ) аз корти қаблан дарёфтшуда, вайроншавӣ ё худ осеби механикии он, инчунин – ивази ПИН-рамз.

3.3.5. Боздоштан (бастан) ё худ қатъи пешазмӯҳлатаи амали корт (аз он ҷумла иловагӣ) ё ин ки гузаронидани амалиёт аз рӯи ҳисоб ва ё бекоркунии пешазмӯҳлатаи Шартнома, бо пешниходи аризаи шакли хаттӣ ба Ташкилот.

**3.4. Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

3.4.1. Ташкилотдар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи боздошт ва мусодира намудани кортҳои пардохтии бонкиро дорад:

- қабули огоҳинома аз Дорандаи корт дар бораи гум кардан, дуздидан ё истифодаи беиҷозати корт;
- аз ҷониби Дорандаи корт иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур дарҷ гардидаанд;
- риоя накардани қоидаҳои истифодабарии корт;
- ба анҷом расидани мӯҳлати амали корт;
- бекор кардани Шартномаи мазкур.

3.4.2 Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартнома ва Қоидаҳо амали Шартнома ё худ истифодаи корти (кортҳо) Дорандаро боздорад ва қатъ намояд бо истифодаи чунин чораҳо

- ✓ бастани корт дар базаи иҷозатӣ (авторизатсия) ё худ рафъи рақам аз базаи маркази просессингӣ (радди иҷозат);
- ✓ барқароркунии бақияи дастраси сифрии маблағҳо (меъёри харҷӣ);
- ✓ дарҷи рақами корт ба Варақаи манъи системаи пардохтӣ
- ✓ барқароркунии фармоиш ҷиҳати хориҷшавии корт (Pick up) ва воридкунии он ба "negative file";
- ✓ радди ивазкуни ё худ барқароркунии корт.

3.4.3. Аз ҳисоби Дорандаи корт баровардани воситаҳои пули тибқи тартиби ғайриакcептӣ, ки мутобиқи банди 2.1. Шартнома мавриди нокифоягии воситаҳо кушода шудааст – аз тамоми ҳисобҳои Муштарӣ/Дорандаи корт, ки дар Ташкилот кушода шудаанд, ба андозаи маблағи:

- ✓ амалиётҳои бо истифодаи корт (кортҳо) анҷомёфта мутобиқи ҳуҷҷатҳои аз Системаи пардохтӣ воридгардида;
- ✓ комиссия ва ҷаримаҳои Ташкилотбарои хизматрасонии солонаи Дорандаи корт тибқи Тарофа;
- ✓ овердрафт, фоизҳо аз рӯи он ва ҷарима бинобар батаъхиргузории баргардонидани он тибқи иқтибоси Ташкилот;
- ✓ саҳван ба ҳисоби Дорандаи корт гузаронидашуда.

Бо имзои Шартномаи мазкур Дорандаи корт ин ҳуқуқро тасдиқ ва ба Ташкилот пешниҳод мекунад.

3.4.4. Тағйир додани Тарофа ва Қоидаҳо, бо огоҳ намудани Доранда бо шартҳои банди 4.2.9.

3.4.5. Ба Дорандаи корт барои гузаронидани амалиётҳои хароҷотӣ дар суратҳисоб рад намояд ва (ё) ҳамаи амалиётҳои хароҷотиро дар суратҳисоби бонкии Дорандаи корт дар сурати пайдоиши шубҳа оид ба он, ки ин амалиётҳои бо мақсади қонунигардонии даромадҳои аз ҷиноят ба дастоварда ё маблағгузории терроризм боздорад.

**4. Ҷамъ ва коркарди маълумоти шахсӣ.**

4.1 Бо бастани Шартнома ва бо супоридани Аризаи ҳамроҳшавӣ, Дорандаи корт ба Ташкилот ҳуқуқи (розигӣ) коркарди маълумоти шахсии худро, ки дар ҳомилҳои қоғазӣ ва/ё электронӣ пешниҳод карда шудааст, бо истифода ва/ё бидуни истифодаи воситаҳои автоматикунонии барои ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, дақиккқунӣ, содирот, истифода, интиқол маълумоти шахсии Дорандаи корт, инчунин нигоҳдории онҳо, медиҳад.

4.2 Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсии Дорандаи корт аз ҷониби Ташкилот бо роҳҳое сурат мегирад, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд;

4.3 Ташкилот ҳуқуқ дорад интиқоли фаромарзии маълумоти шахсии Дорандаи кортро, аз ҷумла мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумотҳои шахсӣ амалӣ гардонад.

**5. Масъулияти Тарафҳо**

5.1. Дар сурати вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур Тарафҳо мутобиқи қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари кашида мешаванд.

5.2. Вобаста ба амалиётҳое, ки бо истифодаи ПИН-рамз анҷом дода мешаванд, Ташкилот ҷавобгар набуда, даъвоҳоро қонеъ намегардонад.

5.3. Ташкилот бинобар анҷом надодани амалиёт бо истифодаи корт дар сурати вайроншавии кори таҷҳизоти электронӣ-техникии маркази протсессингӣ ва эквайер ҷавобгар нест.

5.4. Мавриди аз ҷониби Дорандаи корт барнагардонидани овердрафт дар давоми мӯҳлати муайяншуда, Дорандаи корт аз ҳисоби бақияи қарзи батаъхирафтода барои ҳар як рӯзи батаъхиргузори ба Ташкилот ба андозаи 1 % ҷарима пардохт мекунад.

5.5. Тарафҳо барои пурра ва ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳои хеш тибқи Шартномаи мазкур аз ҷавобгари озод карда мешаванд, агар исбот намоянд, ки чунин амал дар натиҷаи фаросии ҳолатҳои ногузир, яъне фавқулодда пас аз бастани Шартномаи

мазкур ба вуқӯъ пайвастааст. Мавриди амал қарор гирифтани ҳолатҳои ногузирро Тарафҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти босалоҳият тасдиқ намоянд. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар бораи фарорасии ҳолатҳои ногузир ҳамдигарро фавран хабардор намоянд.

5.6. Дар холати аз чониби «Дорандаи корт» талаб намудани воситахои пулли ва аз чониби «Ташкилот» саривакт барнагардонидани он (бо назардошти шартхои Шартномаи пасандози), «Ташкилот» ухдадор мешавад, ки ба «Дорандаи корт» аз маблаги бакияи воситахои пулли барои хар як рузи ба таъхиргузошташуда дар хачми мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт намояд.

**Замимаи №1 ба Фасли 6. Бароришь, пешниҳод ва хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳо**

## ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ дар ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»

### 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

1.1. Корти пардохтӣ воситаи барасмиятдарории пардохти ғайринақдӣ мебошад, ки истифодаи он дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи байни муштарӣ ва ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» (минбаъд Ташкилот), инчунин ҳамин Қоидаҳо ба танзим даровaрда мешавад.

### 2. ГИРИФТАНИ КОРТ ВА ИСТИФОДАИ ОН

2.1. Муштарӣ – дорандаи корт ӯҳдадор аст, ки дар ҳузури корманди Ташкилотҳангоми гирифтани он фавран Кортро бо хомаи сақочадор (шариковая ручка) имзо гузорад.

2.2. Корт то рӯзи охирони моҳ ва соли дар он дарҷгардида эътибор дорад.

2.3. Корт воситаи шахсии пардохт мебошад. Истифодаи корт танҳо ба шахсе, ки ному насабаш дар рӯйи корт ва имзои он дар пушти корт мавҷуд аст, имконпазир мебошад. ПИН – рақами шиносоии шахсӣ (персональный идентификационный номер), рақами 4-адада мебошад, ки дар лифофаи махсус ҳамроҳи Корт ба соҳибаш дода мешавад. ПИН мушобеҳ ба имзои дастнавис ҳангоми иҷрои амалиёт мебошад. Додани корт ва ПИН ба шахси дигар қатъиян манъ аст.

2.4. Ҳангоми истифодаи корт барои пардохти молхо/хизматрасониҳо Дорандаи он дарҷи дурустии рақами пурраи Корт, маблағ ва санаи амалиётро баррасӣ намояд, ба ҳисоб ё иқтибос аз терминали хазина имзо мегузорад. Дорандаи корт барои дурустии маълумоти дар ин ҳуҷҷат дарҷгардида масъулият дорад. Амалиёти гирифтани пули нақд аз банкомат дар ҳолати иҷрои ҳамаи амалиётҳои зарурии вобаста ба он наметавонад мавриди таҷдиди назар қарор гирад.

Доранда бояд мутаваҷҷеҳи он бошад, ки рақами корти ӯ ба ашхоси бегона ошкор нашавад. Маълумот дар бораи мушахассоти корт метавонад ҷиҳати иҷрои амалиётҳои тақаллуби аз рӯйи ҳисоби шумо аз тарафи ашхоси табаҳкор истифода шавад. Ташкилот шадидан тавсия мекунад:

а) Корт ва бештар аз ин ПИН-коди худро дар ҳеч шароите ба ашхоси бегона

надиҳед ҳатто ба хешовандон ва дӯстонатон).

b) Бе зарурат кортро ба шахси бегона нишон надиҳед, то ин ки касе натавонад онро нусхабардорӣ кунад ё рақами корти шуморо ба хотир гирад ва аз пули шумо истифода намояд.

c) Нисбат ба корт эҳтиёткор бошед, онро қад (хам) накунед ва онро дар ғилофаки махсус ва ё ьамён нигоҳ доред, чунки корт азпластик сохта шудааст.

d) Кӯшиш намоед, ки ба раххҳои магнитии  дар пушти корт буда  даст назанед.

e) Дар рӯйи корт қайд, аломат ва харош намонед, аз таъсири ҳарорати баланди гармӣ, афканишоти сахти электромагнитӣ ва дигар омилҳои бади муҳити зист эҳтиёт намоед.

f) Дар сурати дар муддати 20 сония нагирифтани корти баргардонидашуда ва маблағи пули додашуда аз Банкомат, низоми муҳофизатӣ ба кор оғоз менамояд ва бо мақсади ҳифзи пулӣ ба дохили Банкомат кашида даровардa шуда дар қисмати махсус нигоҳ дошта мешавад. Баргардонидани корт дар чунин ҳолат танҳо пас аз муайян кардани сабаби нигоҳ доштани корт аз ҷониби Ташкилотамалӣ карда мешавад; барқарорнамоии маблағи амалиётӣ (ва ё гирифтанашудаи он) аз рӯи далели авторизатсияе, ки аз суратҳисоби корти Дорандаи кортбардошт шудааст, метавонад танҳо пас аз азнавмаблағгузорӣи (переинкассатсия) Банкомат ва муайяннамоии маблағи нақдӣ аз тарафи Дорандаи кортгрифта нашуда, амалӣ карда шавад.

g) Сабабҳои боздоштани корт ва ё пули нақд дар Банкомат аз тарафи Ташкилотдар мухлати кутоҳтарин муайян карда шуда, фавран чораҳои зарурӣ пас аз муроҷиати хаттӣ ва ё шифоҳии соҳиби корт, андешида мешавад.

2.5. Дорандаи корт бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиётҳо бо истифодаи корт то танзими ҳамаи даъвоҳои вобаста ба иқтибоси (баёнияи) минбаъда нигоҳдорӣ намояд. Ҳуччатҳои мазкур ҳангоми танзими дигар масъалахо бо мақомоти гумрук ва ё дигар мақомотҳои  назоратӣ ва суд муфид хоҳанд буд, масалан чек метавонад қонунӣ будани маблағи гирифта ва харҷи онро шаҳодат диҳад.

2.6. Дар ҳолати хариди молҳо ва хизматрасониҳо бо пардохти ғайринақдӣ, инчунин гирифтани пули нақд бо истифода аз корти пардохтӣ, Ташкилотмаблағҳои муайянро аз ҳисоб тибқи муҳосибот бо истифодаи корти пардохтӣ, бепазира каср мекунад.

2.7. Каср аз ҳисоб аз рӯйи муҳосибот бо истифодаи корт танҳо дар асоси амалиётҳои иҷрошуда бо истифодаи корт ва ё дар ҳолати  баргардонидани маблағ ҳангоми бастани ҳисоб амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин аз ҳисоб маблағ барои пардохти тарофа, ки Ташкилотмуқаррар кардааст, бепазира каср карда мешавад.

2.8. Муштари ӯҳдадор аст, ки пайдо шудани овердрафтро (қарздориро)  дар ҳисоб барои муҳосибот бо истифодаи корти пардохтӣ пешгирӣ намояд. Ҳангоми рух додани овердрафти техникӣ, Ташкилотфоизҳои ҳисобшударо каср мекунад, ки ҳаҷми онҳо дар Тарофа муқаррар гардидааст. Ташкилотҳуқуқ дорад, ки амали Кортро то лаҳзаи пардохти қарзи Доранда қатъ намояд.

## 3. ГУМ КАРДАНИ КОРТ ВА Ё ЭҲТИМОЛИЯТИ ИСТИФОДАИ БЕИҶОЗАТИ ОН

3.1. Дорандаи корт ӯҳдадор аст, ки барои пешгирии гум шудани (дуздӣ шудани) Корт ва ПИН-рамзи он ва ё истифодаи ғайриқонуни/беиҷозати он тадбирҳо андешад.

3.2. Тавсия дода мешавад, ки ПИН-рамзро дар хотир нигоҳ доред ва лифофаи ПИН-рамзро дар як макони эътимоднок барои бегонагон дастнорас гузоред. Нигоҳ доштани ПИН –рамз якҷоя бо корт ва навиштани рақами корт дар лифофаи ПИН –рамз манъ аст.

3.3. Дар ҳолати ошкор гардидани гумшавии корт ва ё ПИН-рамз, хабардор шудан аз истифодаи беиҷозати он ва, агар бо кадом як сабабе банкомат Кортро ба Доранда барнагардонад, инчунин вобаста ба ҳамагуна ҳолатҳои ба ин монанд, Доранда ӯҳдадор аст, ки дар ин бора фавран ба Ташкилот бо телефони 11-22 (Маркази тамос) ва ё бо телефоне, ки дар пушти Корт сабт шудааст, иттилоъ диҳад.

3.4. Ҳамагуна муроҷиати шифоҳии Дорандаи корт барои боздошт (блокировка) бояд бо аризаи хаттӣ ба унвониТашкилот, ки дар он ҳолати гум шудани Корт ва ё ПИН-рамз ва ё маълумоти доштаи Дорандаи корт дар бораи истифодаи ғайриқонунии он, инчунин иттилоот дар бораи кай ва ба куҷо хабар додани Дорандаи корт оид ба ҳодисаи рухдода баён гардидааст, тасдиқ карда шавад. Ариза дар ҳолате ба тарзи муносиб ирсолгардида маҳсуб мешавад, ки агар он тавассути факс, мактуби фармоишӣ бо огоҳинома дар бораи қабул, ва ё мустақиман ба корманди Ташкилот, ки барои хизматрасонии Доранда масъул аст, супорида шуда бошад.

3.5. Дар иртибот бо шароити дар б.3.3.дарҷгардида Доранда ҳуқуқ дорад имконияти истифодаи кортро бо ҳар кадоме аз усулҳои дар поён зикршаванда маҳдуд ва қатъ намояд:

a) ба корманди Ташкилот барои боздошти корт бо пасгирифтан ҷиҳати тасдиқи пардохтҳо дастур диҳад. Пас аз 25 дақиқа баъди дархости Доранда аз тариқи телефон дар бораибоздошти корт, масъулият барои тамоми амалиётҳои мушаххасгардонии беиҷозат аз тарафи Доранда, ки бо истифода аз корт амалӣ шудаанд ба ӯҳдаи Ташкилот гузошта мешаванд;

b) ба корманди Ташкилот дар бораи зарурати ба стоп-лист ворид намудани корт дастур диҳад. Дар ин ҳолат масъулияти Ташкилот барои ҳамаи (аз ҷумла тасдиқнашуда) пардохтҳои иҷозатнадоштаи Доранда пас аз ҳашт соат баъди муроҷиати телефонии Доранда ба миён меояд.

3.6. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки маълумоти бадастомадаро дар бораи гум шудан/ва ё боздошти корт ба ухдадории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои андешидани чораҳои зарурӣ гузорад.

3.7. Дар ҳолати дарёфти корт Доранда, ки қаблан дар бораи гум шудан ва ё истифодаи ғайриқонуни корт арз намуда буд, фавран дар ин бора ба Ташкилот хабар диҳад ва сипас Кортро ба Ташкилот пас гардонад.

3.8. Пас аз маҳкам намудани корт дар асоси Аризаи Дорандаи корт аз тарафи

Ташкилот корти нав ва ПИН-рамзи нав бароварда мешавад. Ивазнамоии корт ва барориши корти нав бар ивази корти гумшуда(дуздидашуда), дар асоси Аризаи Дорандаи корт амалӣ карда мешавад.

3.9. Ҳолатҳои иваз кардани корт:

– анҷоми муҳлати амали корт;

- осеб дидани корт;

- ПИН-рамз маълум шуда бошад;

- ПИН-рамз аз хотир бароварда шавад.

## 4. ИҚТИБОС АЗ СУРАТҲИСОБ

4.1. Ба муштарӣ – шахси воқеии аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ваколатдодашуда иқтибос шахсан дар асоси дархост ҳангоми мурочиат ба муассисаи Ташкилот ба ӯ хизматрасон дода мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани даъво аз рӯйи иқтибос (баёния) бо телефони 11-22 (Маркази тамос) ё ин ки ба e-mail card@imon.tj мурочиат карда шавад

4.2. Дар ҳолати пайдо шудани даъвои Дорандаи корт нисбат ба амалиётҳои вобаста ба иқтибос Дорандаи корт ӯҳдадор аст дар мӯҳлати 10 рӯз аз рӯзи гирифтани иқтибос онро ба Ташкилот пешниҳод намояд. Ҳангоми даъво надоштани Дорандаи корт вобаста ба иқтибос дар давоми 10 рӯз аз лаҳзаи гирифтани он, иқтибос тасдиқшуда ьисоб мегардад ва даъвоҳои минбаъда аз тарафи Ташкилотқабул карда намешаванд.

4.3. То ба танзим даровардани даъвоҳои ба Ташкилот воридшуда, маблағҳои қаблан ба ҳисоб дебетшуда барқарор карда намешаванд. Тамоми масъалаҳои баҳси аз рӯйи пардохт баъд аз дастрас шудани ҳуччатҳо ҳал карда мешаванд.

4.4. Истифодаи корт бо мақсадҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла хариди мол ва хизматрасоние, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, мумкин нест.

## ФАСЛИ 7. ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВИИ ҲАМЁНИ МОБИЛӢ IMONLINE

## 1. МАТЛАБИ ХИЗМАТРАСОНӢ

1.1. Хизматрасонии фосилавии ҳамёни мобилӣ IMONLINE тариқи интернет, ки дар таҷҳизоти мобилӣ, тавассути барномаи махсус, ки дар дастгоҳи мобилӣ ҷорӣ карда шудааст, аз ҷониби Ташкилот ба «Мизоҷ» дастрас карда мешавад.

1.2. Шартномаи мазкур пайвасткунии «Мизоҷ»-ро ба Барнома бо шартҳои пешниҳодсозии хизматрасониҳои Барнома дар мутобиқат бо методика оид ба кор бо ҳамёни мобилӣ, Тартиби истифодабаранда оид ба кор бо барномаи IMONLINE, Тартиб ва тавсияҳо барои истифодабарии барномаи IMONLINE, ки дар ҷои шахсии «Мизоҷ» ҷойгир шудаанд, муайян менамояд. Руйхат ва тарофаҳои хизматрасонии фосилавии ҳамёни мобилӣ IMONLINE тартиби бехатарӣ, аз ҷумла тартиби аутентификатсия ва тасдиқи ҳуқуқҳои муштарӣ барои истифодаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ, низ дар ҷои шахсии «Мизоҷ» дар низоми IMONLINE ҷойгир карда шудаанд.

## 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

2.1. Ӯҳдадории «Ташкилот»:

2.1.1. Баъд аз бақайдгирии «Мизоҷ» дар Барнома ба ӯ дастрасӣ, ки тавассути он хизматрасониҳои бонкӣ амалӣ мешаванд, таъмин намояд.

2.1.2. «Мизоҷ»-ро дар бораи корҳои техникии гузаронидашудаистода, ки метавонанд садди роҳи дастрасӣ ва аз тарафи «Мизоҷ» анҷом додани амалиётҳо дар Низом мегарданд, ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар сомонаи расмии Ташкилот, саҳифаҳои иҷтимоӣ ва барномаи IMONLINE хабар диҳад.

2.1.3. Иҷро накардани амалиётҳои «Мизоҷ» дар ҳолати аз тарафи «Мизоҷ» пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки ба талаботҳои Шартномаи мазкур ва инчунин талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд.

2.1.4. Қайд намудани ҳуҷҷатҳои дастрасшуда, гузаронидашуда ва инкоршудаи пардохти электронӣ.

2.1.5. Хабар додан дар бораи тағйироти Тарофаҳои Ташкилот оид ба хизматрасониҳо тавассути барномаи IMONLINE дар муддати на бештар аз 10 (Даҳ) рӯзи корӣ то ба фаъолият даромадани Тарофаҳои нави Ташкилот.

2.1.6. Вобаста ба ташаббуси «Мизоҷ» қатъ кардани пешниҳоди хизматрасониҳо.

2.1.7. Нигоҳ доштани сирри амалиётҳои «Мизоҷ» ва ошкор намудани онҳо ба шахси сеюм танҳо дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.1.8. Дар ҳолати розӣ набудани «Мизоҷ» нисбати амалиётҳои хароҷотие, ки дар ҳисобҳои ӯ гузаронида шудаанд, шикоятҳои «Мизоҷ» аз тарафи «Ташкилот» на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз замони гузаронидани амалиёт дар воҳидҳои сохтории «Ташкилот» қабул карда мешаванд ва аз тарафи «Ташкилот» дар муддати то 30 рӯзи тақвимӣ аз вақти пешниҳод кардани ариза дар бораи норозигии гузаронидани амалиётҳо мутобиқи қоидаҳои дохилии «Ташкилот» баррасӣ мегарданд.

2.2. Ҳуқуқҳои «Ташкилот»:

2.2.1. Муваққатан муҳосира кардани дастрасии «Мизоҷ» ё ин, ки манъ намудани иҷрои амалиёт дар ҳолатҳои:

- агар аз назари «Ташкилот» ин гуна чорабинӣ барои ҳифзи бехатарии барнома ҳатмӣ бошад;
- ба назар расидани интиқоли маълумот дар бораи андозаҳои хусусӣ (рақами мушаххаскунанда, рамзи махфӣ)-и «Мизоҷ» ба дигар шахсон. Дар баробари ин, «Ташкилот» барои амалиётҳои гузаронидаи «Мизоҷ», ки аз тарафи «Ташкилот» то маълум гаштани интиқоли чунин маълумот ба шахсони дигар амалӣ карда шудаанд, ҷавобгар намебошад, зеро онҳо амалишуда аз тарафи «Мизоҷ» маҳсуб мешавад;
- норасогии маблағи пулӣ дар суратҳисоби «Мизоҷ» барои пардохти хаққи хизматрасонии «Ташкилот» барои пайвастшавӣ ва ё ин, ки амалиёти ба анҷомрасида;
- кӯшиши дохилнамоии нодурусти андозаи аутентификатсияро бештар аз 3 маротиба ҳамчун вайронкунии бехатарӣ дида баромадан.

2.2.2. Ситонидани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби «Мизоҷ» дар ҳолати пайдоиши ӯҳдадории «Мизоҷ» дар назди «Ташкилот» аз рӯи шартномаи мазкур тариқи беаксептӣ.
2.2.3. Манъ намудани интиқоли маблағи пулӣ дар ҳолатҳое, ки агар мувофиқи андешаи «Ташкилот» вайронкунӣ ё ин, ки ҷараёни вайронкунии тартиби Барнома ба миён ояд.
2.2.4. Муваққатан манъ намудани кори Барнома барои дигар кардани таъминоти барномавӣ ва гузаронидани корҳои профилактикӣ.
2.2.5. Аз тараи Ташкилот манъ намудани дастрасӣ ба Барнома дар ҳолати истифода набурдани он дар мухлати зиёда аз 6 моҳ.
2.3. Ӯҳдадории «Мизоҷ»:
2.3.1. Иҷро намудани талаботи «Ташкилот» мувофиқи қоидаҳое, ки оид ба пешниҳод гаштани дастрасӣ ба анҷоми амалиётҳо дар Барнома вобастагӣ дорад;
2.3.2. Пардохт намудани хизматрасонӣ барои амалиётҳои анҷомшуда дар Барнома мувофиқи Тарофаҳои амалкунандаи «Ташкилот».
2.3.3. Ошкор накардани маълумот ба шахсони дигар дар бораи андозаҳои хусусии аутентификатсия. Дар ин ҳолат хароҷот ва зарарҳои ба миён омадаро «Мизоҷ» мустақилона бар дӯш мегирад ва барои барқарор намудани онҳо аз ҳисоби «Ташкилот» хуқуқ надорад.
2.3.4. Мустақилона пайваст намудани дастгоҳҳои мобилии «Мизоҷ» ба Барнома.
2.3.5. Фавран хабардор намудани «Ташкилот» ҳангоми дастрасии ғайриқонунӣ ё ин, ки шубҳа овардан оид ба дастрасии ғайриқонунии ба суратҳисобҳои «Мизоҷ» тавассути Барнома.
2.3.6. Назорат намудани бақияи суратҳисобҳои худ.
2.3.7. Амалӣ намудани истифодабарии Барнома пурра мувофиқи Қоидаҳо ва Дастурамалҳои дохилии Ташкилот ба амал барорад.
2.3.8. Риоя намудани коидаҳои бехатарӣ ва баъд аз ҳар як давраи корӣ таъмин намудани пӯшидани ҳамаи сессияҳои алоқавӣ бо шабакаи интернет, ки барои кор бо Барнома кушода шуда буданд.
2.3.9. Ҳангоми гузаронидани пардохт таъмин намудани маблағи муайян барои гузаронидани пардохт ба маблағи комиссионӣ мувофиқи Тарофаҳои амалкунандаи «Ташкилот».
2.3.10. Ба «Ташкилот» бо тартиби ҳатмӣ пардохт намудани ҳаҷми комиссия барои хизматрасониҳои гуногуни Барнома мувофиқи Тарофаҳои «Ташкилот».
2.4. «Мизоҷ» ҳуқуқ дорад:
2.4.1. Ба амал овардани амалиётҳо тавассути Барнома бо шартҳое, ки дар Шартнома пешбинӣ шудаанд.
2.4.2. Талаб намудани иҷроиши ӯҳдадориҳо аз «Ташкилот» мувофиқи Шартномаи мазкур.
2.4.3. Даст кашидан аз хизматрасониҳои Барнома.
2.4.4. Дар ҳолати аз ҷониби «Ташкилот» сариваќт ва нодуруст гузаронидани маблағҳо аз суратҳисобҳои «Мизоҷ», пардохт накардани хаққи хизматрасонӣ барои ҳамон амалиёт.

## 3. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

3.1. Барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо мувофиқи Шартномаи мазкур «Ташкилот» ва «Мизоҷ» мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
3.2. «Ташкилот» ва «Мизоҷ» барои вайрон намудани шароитҳои мувофиқ ба шартномаи мазкур, танҳо дар ҳаҷми зарари воқеӣ ва мавҷудияти гуноҳи «Ташкилот» ва «Мизоҷ» ҷавобгарии баробар доранд.
3.3. «Ташкилот» ва «Мизоҷ» аз ҷавобгариҳои қисман ва ё пурра иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо озод мебошанд, дар мавридҳое, ки он натиҷаи шароити ногувор маҳсуб ёбад: сӯхтор, заминҷунбӣ, катъ гардидани интиқоли қувваи барқ ва дигар ҳолатҳое, ки иродаи «Ташкилот» ва «Мизоҷ» вобаста намебошанд.
3.4. «Ташкилот» Ҷавобгар нест:
- Барои бехатарии таъминоти барномавӣ дастгоҳҳои мобилии «Мизоҷ» аз вирусҳои гуногун ва дигар зарарҳои расонидашуда;
- Барои воситаҳо, маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки бо кӯмаки онҳо хизматрасонӣ дар Барнома амалӣ карда мешавад ва аз тарафи шахси сеюм таъмин мешавад (провайдери дастрасӣ ба интернет ва ғайра):
- Барои «Ташкилот»-ро саривақт хабардор накардан аз тарафи «Мизоҷ» дар бораи гум (ошкор) шудани андозаи шахсии дастрасӣ ба Барнома, дар бораи нодуруст гузаронида шудани амалиётҳо, ва кӯшиши дастрасии ғайриқонунӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ, ё ин, ки ба анҷом расонидани чунин дастрасӣ.
3.5. Барои зарари ба миён омада дар натиҷаи ба шахсони сеюм дастрасгардии ғайриқонунӣ ба Барнома ҷавобгарӣ ба шахси зараррасонанда гузошта мешавад.

## ФАСЛИ 8. ҲОЛАТҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ

1.1. Тарафҳо барои қисман ва ё пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд, аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар ин кирдор дар натиҷаи ба вуҷуд омадани қувваи рафънопазир баъди бастани Шартномаи мазкур ба вуҷуд омада бошад, ки тарафҳо наметавонистанд онро пешбинӣ ва бартараф намоянд. Ба чунин вазъиятҳо дохил мешаванд: обхезӣ, сӯхтор, заминҷунбӣ, инчунин ҷанг, амалиёти ҳарбӣ ё амали мақомотҳои давлатӣ новобаста аз салоҳият (юрисдиксия) ва ё дигар вазъияти шабеҳ, ки аз иродаи Тарафҳо вобаста намебошанд.
1.2. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани чунин вазъият тарафҳо ӯҳдадоранд дар муддати 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ тарафи дигарро хаттӣ огоҳ намояд. Дар огоҳинома бояд маълумотҳо оид ба тавсифи вазъият ва вобаста ба имконият арзёбии таъсири он ба имконияти аз ҷониби тарафҳо иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур дарҷ гардида бошад. Огоҳ накардан ва ё саривақт огоҳ накардан Тарафҳоро аз ҳуқуқи дар оянда ба вазъияти дар боло зикргардида иснод кардан, маҳрум менамояд.
1.3.Ҳангоми пешниҳоди қарз агар ҳолатҳои ғайричашмдошт рух диҳанд, бо розигии тарафайн шартҳои иҷрои ӯҳдадориҳои “Қарзгиранда”-ро тибки Созишномаи иловагӣ ба Шартномаи қарзи хурд тағйир диҳанд ва мӯҳлати иҷрои онро муайян намоянд (тамдиди қарз, боздошти ҳисоби фоиз ва ҷарима, тағйир додани тартиби пардохти қарз ва додани муҳлати имтиёз барои пардохти қарзи асосӣ).

## ФАСЛИ 9. ШАРТҲОИ ДИГАР

1.1. Маълумот оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи ҳисобро аз ҷониби Ташкилот мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сирри бонкӣ махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

1.2. Тарафҳо дар ҳолати тағйир ёфтани маълумотҳое, ки барои иҷрои Шартномаи мазкур зарур мебошад, ба тариқи хаттӣ якдигарро дар давоми 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи ба миён омадани чунин ҳолатҳо хабардор менамоянд.

1.3. Масъалаҳое, ки бо Шартномаи мазкур ба танзим дароварда нашудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешаванд.

1.4. Ҳамаи баҳсҳое, ки аз Шартномаи мазкур ё вобаста ба он ба амал меоянд, байни тарафҳо бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар ҳолати баҳс ҳалли худро тариқи гуфтушунид наёбад, он тариқи судӣ ҳал карда мешавад.

1.5. Шартномаи мазкур дар шакли электронӣ дар сомонаи расмии "Ташкилот" www.imon.tj, дар замимаи мобилии ҳамёни электронии "IMONLINE" ва ба тариқи чопӣ дар овезаҳои махсус воқеъ дар марказҳои хизматрасонии "Ташкилот" ҷойгир карда шудааст.

1.6. Шартномаи мазкур баъди аз ҷониби Мизоҷи эҳтимолӣ гузоштани хитоб (клик) дар шакли электронӣ ва\ё дар шакли чопии он гузоштани имзо ҳамчун басташуда эътироф карда мешавад.

1.7. Маълумоти тамосии "Ташкилот": ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ". Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 2. РМА 510020687. Телефон: 11-22.